# Соли нави 2020 муборак, ҳамватанони азиз!


*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

28 декабри соли 2019

№ 18-19-20
(113-114-115)




# ПАЁМИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**26.12.2019, шаҳри Душанбе**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

**Ҳамватанони азиз!**

Соле, ки сипарӣ шуда истодааст, дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо дастоварду пешравиҳои ноилшудаи халқамон ба сифати боз як соли бобарор сабт мегардад.

Татбиқи чорабиниҳои "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" ҷиҳати расидан ба ҳадафи олии мо, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи кишварамон мусоидат намуд.

Соли 2019 суръати афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 7,5 фоизро ташкил намуд ва ин нишондиҳанда аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 13,4 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 7,1 фоиз, гардиши савдо 8 фоиз ва хизматрасониҳои пулакӣ 1,6 фоиз таъмин карда шуд.

Дар ҳафт соли охир рушди иқтисодиёти кишвар ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 45,6 миллиард сомонӣ ба 78 миллиард афзоиш ёфт.

Дар ин давра ҳаҷми умумии даромади буҷет қариб ду баробар афзуда, аз 12 миллиард сомонии соли 2013 ба 23 миллиард сомонӣ баробар шуд.

Тайи солҳои зикршуда даромади пулии аҳолӣ беш аз ду баробар ва музди меҳнати миёнаи як корманд 2,4 баробар афзоиш пайдо кард.

Бақияи пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар соли 2019 беш аз 9,5 миллиард сомониро ташкил карда, дар ҳафт соли охир 45 фоиз зиёд гардид.

Сатҳи камбизоатӣ ба 27,5 фоиз паст шуда, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон то 75 сол боло рафт.

Ҳамзамон бо ин, тибқи таҳлилҳо дар замони соҳибистиқлолӣ нишондиҳандаи умумии фавт қариб ду баробар, аз ҷумла фавти кӯдакони синни то панҷсола 3,2 баробар кам шудааст.

Дар ин давра аҳолии Тоҷикистон аз панҷуним миллион қариб ба 9,5 миллион нафар расида, беш аз 70 фоиз афзудааст.

Саҳми бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ соли 2013-ум 54 фоиз буд ва ин нишондиҳанда соли 2019 ба 70 фоиз расонида шуд.

Яъне нишондиҳандаҳои дар соли 2013 пешбининамудаи барномаи номзад ба Президенти кишвар барои 7 сол, дар маҷмӯъ, иҷро гардиданд.

Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад.

Шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ миёни кишварҳо моро вазифадор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ тадбирҳои зарурӣ андешем.

Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки соли 2020 ҷиҳати ба 87,4 миллиард сомонӣ расонидани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо суръати афзоиши он дар сатҳи 7,8 фоиз ва дар ҳаҷми 26 миллиард сомонӣ таъмин кардани қисми даромади буҷет чораҳои зарурӣ андешад.

Ҳукуматро, ҳамчунин, зарур аст, ки дар 7 соли оянда суръати афзоиши воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилиро дар як сол 7-8 фоиз, афзоиши ҳаҷми онро беш аз 1,8 баробар ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,7 баробар таъмин намуда, ҷиҳати ба 45 фоиз расонидани ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ва то 18 фоиз паст намудани сатҳи камбизоатӣ нақшаҳои тасдиқгардидаро босифат амалӣ намояд.

Ҳоло мо дар давраи анҷомёбии марҳалаи аввали "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва оғози марҳалаи дуюми он қарор дорем.

Вобаста ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки то охири соли 2020 барномаи миёнамуҳлати рушдро барои солҳои 2021-2025 қабул намояд.

Ҳукумати мамлакат, инчунин, вазифадор карда мешавад, ки бо мақсади ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки дар Паёми соли гузашта таъкид гардида буд, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро қабул ва амалӣ созад.

Мақомоти давлатӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва рақамигардонии фаъолияти идоракуниву истеҳсолот бояд сиёсати ягонаи иқтисодиро танҳо бо истифодаи механизм ва шаклу усулҳои муосир ба танзим дароранд.

Дар мулоқоте, ки ман бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо доштам, ҷиҳати таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав супориши қатъӣ додам.

Масъулонро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи он ҳавасмандсозии истеҳсолкунандагони ватанӣ, боз ҳам соддаву оммафаҳм гардонидани маъмурикунонии андоз ва беҳтар кардани фазои сармоягузориро пешбинӣ намоянд.

Мо бояд ба рушди бахши хусусӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда, заминаи ягонаи ҳуқуқиро барои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, муҳайё созем.

Ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар се соли охир дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок илова тан 30 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд.

Танҳо солҳои 2016-2018 маблағи умумии имтиёзҳои ҷоришуда беш аз 15 миллиард сомониро ташкил намуд, ки ин саҳми Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиву истеҳсолӣ мебошад.

Илова бар ин, дар заминаи ислоҳоти татбиқнамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир шумораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор шаш баробар кам шудааст.

Агар соли 2016 шумораи чунин санҷишҳо қариб 300 ҳазорро ташкил дода бошад, соли ҷорӣ ҳамагӣ 48 ҳазорро ташкил кардааст.

Ҳадафи мо аз такмили қонунгузорӣ, ки ба дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардидааст, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, содда гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ мебошад.

Ба Ҳукумат ва парламенти кишвар зарур аст, ки ҳангоми баррасӣ ва такмили қонунгузорӣ, махсусан, зимни таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав ба ин масъалаҳо диққати аввалиндараҷа диҳанд.

Ҳукумати Тоҷикистон ба сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ҳамчун воситаи асосии саноатикунонии босуръат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар самти беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим тадбирҳои мушаххасро амалӣ карда истодааст.

Дар солҳои 2013-2019 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар 57,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки қариб 30 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад.

Тибқи санадҳои қабулшуда ҷалби сармояи хусусӣ бояд афзоиш ёфта, соли 2020 ҳиссаи он нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 10 фоиз расонида шавад.

Солҳои 2013-2019 барои амалисозии афзалиятҳои дар барномаҳо муайяншуда 80 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ гардида, ба иқтисодиёти мамлакат зиёда аз 13,2 миллиард сомонӣ сармояи давлатӣ равона карда шудааст.

Ҳоло дар кишвар 66 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии онҳо 32,4 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Дар соли 2020 татбиқи боз 23 лоиҳаи нави давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 3,8 миллиард сомонӣ оғоз меёбад.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо истифода аз захираву имкониятҳои иқтисодии кишвар фаъолияти худро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва истифодаи воситаҳои дастгириву ҳавасмандгардонии соҳибкорон ҷоннок намоянд.

Инчунин, ҳамкориро бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ бо мақсади ҷалби сармояи мустақим барои ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, бахусус, дар соҳаҳои саноати сабук ва хӯроквории тақвият бахшанд.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, махсусан, дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва содироткунандагони ватанӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ бонк таъсис диҳад.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки барои фаъолияти самарабахши қарздиҳии ин бонк ҷудо кардани маблағ аз буҷети давлат ҳамасола зиёд карда шавад.

Сиёсати давлат дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ дарояндаи наздик бояд ба се самти асосӣ - ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо равона гардад.

Дар робита ба ин, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти гумрук, Агентии содирот, Палатаи савдо ва саноатро зарур аст, ки корҳоро ҷиҳати татбиқи равзанаи ягонаи амалиёти содиротиву воридотӣ ва транзитӣ суръат бахшида, дар масъалаи шомил шудан ба низоми умумии бархурдорӣ аз имтиёзҳо ва "долонҳои сабз" тадбирҳои амалиро ба роҳ монанд.

Ҳарчанд ки дар сохтори содирот молу маҳсулоти истеҳсоли корхонаҳои кишвар зиёда аз 450 номгӯйро ташкил дода, ҳиссаи содирот дар гардиши савдои хориҷӣ аз 18,9 фоизи соли 2013 ба 27,4 фоиз дар соли 2019 расидааст, вале ин ҳоло ҳам қонеъкунанда нест. Яъне суръати афзоиш ҳанӯз паст мебошад.

Дар ин давра ҳаҷми содироти семент, риштаи пахтагӣ, маъдану консентратҳо, қолинҳо ва баъзе намудҳои дигар афзоиш ёфта, содироти алюминийи аввалия, нахи пахта, меваю сабзавот ва консерва бо сабабҳои гуногун коҳиш ёфта истодааст.

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки дар солҳои минбаъда тамоми захираҳоро ба баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, зиёд намудани ҳиссаи маҳсулоти ниҳоии саноатӣ дар ҳаҷми содирот ва аз байн бардоштани монеаҳои маъмурии мавҷуда равона созад.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар пешбурди содирот муаррифӣ нагардидани маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва иштироки нокифоя дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ мебошад ва аз масъулон, аз ҷумла Палатаи савдо ва саноат тақозо менамояд, ки дар ин самт корро ҷоннок намоянд.

Бо ин мақсад ва ҷиҳати дастрасӣ ба маълумот оид ба номгӯи маҳсулоти содиротӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунанда зарур аст, ки портали савдои Тоҷикистон такмил дода шуда, корхонаҳои саноатӣ барои муаррифии маҳсулот ва пайдо намудани шарикони хориҷӣ сомонаҳои интернетии худро таъсис диҳанд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нав бояд бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ ва бо мақсади муаррифии маҳсулоти ватанӣ маълумоти дахлдорро бо зикри номи корхона, номгӯи маҳсулоти содиротӣ ва дигар иттилооти зарурӣ мунтазам ба нашр расонад.

Имрӯз дар берун аз кишвар имконияти пайдо кардани маълумоти кофӣ доир ба корхонаҳои саноатӣ ва маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон маҳдуд аст.

Сомонаҳои интернетии корхонаҳо роҳи аз ҳама самараноки муаррифии маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб мераванд. Роҳи дигари пешниҳоди маҳсулот барои фурӯш иштирок дар намоишгоҳҳои маҳсулоти саноатӣ дар кишварҳои хориҷӣ мебошад. Яъне аз ҳамаи воситаҳо бояд васеъ истифода карда шавад.

Дар робита ба ин, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии содирот ва Палатаи савдо ва саноат вазифадор карда мешаванд, ки барномаи рушди содиротро барои солҳои 2021-2025 таҳия ва ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд.

Илова бар ин, бояд гуфт, ки масъалаи дастрасии соҳибкорон, махсусан, молистеҳсолкунандагон ба захираҳои молиявии дарозмуҳлат ва нисбатан арзон то ҳанӯз ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад.

Низоми бонкӣ бояд ба рушди

*(Давомаш да саҳ. 2)*

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намояд ва сарчашмаи асосии дастгирии молиявии ҳадафҳои давлат бошад.

Бинобар ин, Бонки миллӣ вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати муайян намудани сабабҳои кам ҷалб гардидани сармояи дохиливу хориҷӣ барои ташкили бонкҳои нав ва камшавии сармояи оинномавии бонкҳои амалкунанда чораҳои зарурӣ андешида, сиёсати пуливу қарзиро ба рушди устувори иқтисоди миллӣ ва афзоиши содирот равона намояд.

Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон - "Амонатбонк" бояд ҷиҳати ба таври назаррас зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт, алалхусус, бахшҳои истеҳсолӣ ва паст кардани фоизи он чораҳои таъхирнопазир андешад.

Бонки миллӣ вазифадор аст, ки якҷо бо мақомоти дахлдори давлатӣ барои дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда нигоҳ доштани сатҳи таваррум тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонад.

Инчунин, бо мақсади таъсиси намояндагии бонкҳои алоҳидаи кишварҳои шарик ҷиҳати таъмини шароити беҳтар барои фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ бо сармояи шарикон чораҷӯӣ намояд.

**Вакилони муҳтарам!**

Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар 7 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 3 баробар (аз 10 миллиард сомонӣ ба 27,5 миллиард сомонӣ) ва ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 5,1 банди фоизӣ (аз 12,6 ба 17,7 фоиз) зиёд гардидааст.

Вале нишондиҳандаҳои соҳа ҷиҳати иҷрои босифати барномаҳои қабулгардида ҳанӯз нокифоя буда, корҳо дар самти баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ қонеъкунанда нестанд.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди маҳал ва Агентии содирот бояд якҷо бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо доир ба интихоби минтақаҳо тибқи занҷираи "ашёи хом - истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ - дарёфти бозори фурӯш" тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии содирот якҷо бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати баланд бардоштани малакаи соҳибкорон дар самти омода намудани нақшаҳои пешбурди фаъолият мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Бо мақсади таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси ашёи хоми ватанӣ ва пешниҳоди онҳо ба сармоягузорон бояд дар назди Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷинвест" - и Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо ҷалби мутахассисони дохиливу хориҷӣ воҳиди алоҳидаи қарордодӣ таъсис дода шавад.

Бо талошҳои Ҳукумати мамлакат дар панҷ соли охир бо ширкатҳои сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ 14 созишномаи сармоягузорӣ ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим ба маблағи беш аз 14 миллиард сомонӣ ба имзо расонида шудааст, ки бо татбиқи онҳо 20 корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд карда мешавад.

Ҳоло дар соҳаи энергетика 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 16,1 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Дар доираи ин лоиҳаҳо мо ду агрегати нерӯгоҳи барқи обии "Роғун"-ро ба кор андохтем.

Соли 2019 таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии "Норак" ва "Қайроққум" ба маблағи 5,5 миллиард сомонӣ оғоз гардида, татбиқи чунин лоиҳа дар нерӯгоҳи барқи обии "Сарбанд" ба маблағи 1,3 миллиард сомонӣ идома дорад.

Таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии "Сарбанд" аввали соли 2021 ба анҷом расида, дар натиҷа иқтидори он қариб 45 мегаватт зиёд карда мешавад.

Имрӯз корҳо барои оғози бунёди нерӯгоҳи барқи обии "Себзор" дар ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон босуръат идома доранд.

Бо ин мақсад, Ҳукумат беш аз 470 миллион сомонӣ сармояи давлатиро равона менамояд ва мо ният дорем, ки ин иншооти муҳимро соли 2022 ба истифода супорем.

Амалишавии лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика имкон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ дар 7 соли охир, яъне солҳои 2013-2019 - ум 1,3 баробар (аз 16 миллиард ба зиёда аз 20 миллиард киловатт - соат) афзоиш ёбад.

Дар робита ба ин масъала, Ҳукумати мамлакатро вазифадор месозам, ки ба истифодаи самаранок ва сарфакоронаи нерӯи барқ тавассути баҳрабардорӣ аз технологияҳои каммасраф, бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Бунёди инфрасохтори нақлиёт барои ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва осон намудани содироти маҳсулоти ватанӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Соли 2020 лоиҳаҳои таҷдид ва бунёди қитъаи Обигарм-Нуробод и шоҳроҳи Ваҳдат-Қарамиқ (яъне Лахш) ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ, Қалъаихумб - Ванҷ бо арзиши лоиҳавии 2,2 миллиард сомонӣ, Ҳулбук - Темурмалик ба маблағи 200 миллион сомонӣ ва сохтмони пули ҳафтуми дарёи Панҷ миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар мавзеи Кокул бо 18 километр роҳи мошингард ба маблағи 70 миллион сомонӣ ва дигар лоиҳаҳо оғоз меёбанд.

Ҳоло таҷдиду сохтмони роҳҳои мошингарди Душанбе - Бохтар, Хуҷанд - Исфара, Кӯлоб - Шамсиддин Шоҳин, Шкев - Қалъаихумб, Кӯлоб - Муъминобод ба маблағи беш аз 4 миллиард сомонӣ идома дошта, роҳҳои зикршуда то ҷашни 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ ба истифода дода мешаванд.

Вазорати нақлиёт вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати дарёфти маблағҳои сармоягузорӣ барои бунёди долонҳои зидди тарма дар қитъаҳои осебпазири роҳи мошингарди Душанбе - Чаноқ ва беҳтарсозии имкониятҳои нақби "Истиқлол" тадбирҳои зарурӣ андешад.

Ҳамчунин, Вазорати нақлиёт корҳоро дар самти таҳияи лоиҳаҳои таҷдиду азнавсозии роҳи мошингарди Хуҷанд - Конибодом, Бохтар - Данғара - Кӯлоб, Бохтар - Носири Хусрав ва роҳҳои дигар ҷоннок намояд.

Бояд гуфт, ки танҳо дар се соли охир тибқи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ дар шаҳру деҳоти кишвар аз ҳисоби соҳибкорону шахсони саховатпеша ва аҳолӣ 1450 километр роҳҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ ва 108 пул бунёду таҷдид карда шуданд.

Чунин корҳо, ки гувоҳи фаъолнокии баланди мардуми кишвар ба хотири ояндаи неки Ватани маҳбубамон ба ҳисоб мераванд, ҳоло бомаром идома доранд.

Масалан, Бобоҷонов Муҳиб - сокини 80-солаи ноҳияи Рашт якҷо бо фарзандонаш соли гузашта 42 километр ва имсол 16 километр роҳро азнавсозӣ карда, толори варзиш, пул, чоҳҳои обкашӣ ва чор хонаи истиқоматӣ барои маъюбон ва оилаҳои камбизоат сохта, ҳоло ба масофаи 10 километр хатти оби нӯшокӣ кашида истодааст ва мақсад дорад, ки дар шаҳри Душанбе як корхонаи бузурги нассоҷӣ бунёд намояд.

Аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Абдухалил Ғуломов дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе сохтмони мактаб барои 2400 ҷойи нишаст дар як баст ба маблағи беш аз 35 миллион сомонӣ оғоз шудааст.

Аз ҷониби ҳамин соҳибкор як сол қабл дар деҳаи Шаҳристони ноҳияи Рӯдакӣ бинои замонавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1280 хонанда бо харҷи 21 миллион сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Ҳамчунин, аз ҷониби ин соҳибкор дар шаҳри Кӯлоб бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба маблағи 35 миллион сомонӣ барои 2500 ҷойи нишаст бунёд шуда истодааст, ки соли 2021, яъне дар арафаи таҷлили 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ ба истифода дода мешавад.

Дар ду-се сол барои 6200 толибилм ҷойи таҳсилу шароити сатҳи баланд муҳайё кардани як соҳибкор лоиқи таҳсину офарин аст.

Дар ин самт роҳбарони ширкатҳои истеҳсолӣ низ фаъол мебошанд.

Аз ҷониби Ширкати "Чунгтсай Моҳир семент" дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе сохтмони мактаб барои 2400 ҷойи нишаст ба маблағи 45 миллион сомонӣ оғоз карда шуда, дар арафаи таҷлили 30-солагии истиқлолияти давлатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Ширкати "Чунгтсай Моҳир семент" соли 2016 дар деҳоти Даҳанаи ноҳияи Ёвон мактаби таҳсилоти умумиро барои 640 хонанда ба маблағи 13 миллион сомонӣ сохта, ба истифода додааст. Ин ширкат, дар маҷмӯъ, қариб 1000 ҷойи кории доимӣ муҳайё кардааст.

Ин гуна иқдому ташаббусҳо, ки имрӯзҳо аз ҷониби садҳо нафар соҳибкорону шахсони ҳимматбаланд амалӣ шуда истодаанд, ҳамеша қобили таҳсину дастгирӣ мебошанд. Воқеан, вазифаи муқаддаси ҳар яки мост, ки ба хотири пешрафти минбаъдаи Тоҷикистони азизамон ва фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда барои сокинони кишвар саъю талош намоем.

Вобаста ба нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳо рушди соҳаи сохтмон бараъло ба назар мерасад.

Сохтмон яке аз соҳаҳои муҳимми иҷтимоиву иқтисодӣ, инъикоскунандаи рушди кишвар ва сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад.

Бо мақсади беҳтар намудани пешбурди фаъолият дар соҳаи меъмориву шаҳрсозӣ ва сохтмон санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа такмил дода шудаанд.

Танҳо дар давоми ҳафт соли охир ба маблағи беш аз 37 миллиард сомонӣ фондҳои асосӣ ба кор андохта, қариб 8 миллион метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти дигар ба истифода дода шудаанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолии мамлакат ва бо мақсади ҳалли мушкилоти иҷтимоии мардуми кишвар 135 ҳазор гектар замин барои бунёди манзили истиқоматӣ тақсим карда, дода шуд.

Доир ба ин масъала таъкид менамоям, ки ҳангоми бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти гуногун бояд санъати меъморӣ риоя гардида, барои боз ҳам беҳтару зебо гардидани симои шаҳру деҳот кӯшиш ба харҷ дода шавад.

Дар робита ба ин, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти марбутаро зарур аст, ки дар вақти таҳияи нақшаҳои шаҳраку деҳот, банақшагирии бунёди иншооти иҷтимоиву сайёҳӣ ва иншооти дигар риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, истифодаи васеи суннату унсурҳои меъмории миллӣ ва сифати маселеҳи сохтмонро таъмин намоянд.

Ҳамчунин, масъулонро зарур аст, ки барои таъмини рушди соҳаи сохтмон ҷиҳати ба стандартҳои муосир мутобиқ гардонидани сифати иншооти сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ дар дохил ва хориҷи кишвар тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Бо истифода аз фурсат, ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла соҳибкорон ва шахсони ҳимматбаланд барои корҳои ободонии то имрӯз амаликардаашон бори дигар изҳори сипосу миннатдорӣ менамоям.

Ба ҳамаи сокинони мамлакат муроҷиат мекунам, ки то ҷашни муқаддасу бузурги 30 - солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамон ҳар як оила ба масъалаи таҷдиду азнавсозӣ, тозаву озода ва ободу зебо гардонидани манзили зист, кӯчаву хиёбон ва ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин кӯшиш намояд.

Мо бояд ин ҷашни мубораки миллиамонро дар шароити аз имрӯза беҳтар ва бо дастовезҳои арзандаи миллати некномамон истиқбол намоем.

**Ҳамватанони азиз!**

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо дастгирии ташаббуси чаҳоруми мамлакати мо дар кишварҳое, ки норасоии об дар онҳо зиёд аст, як силсила барномаҳоро амалӣ карда истодааст.

Дар ин росто, мо низ ҳамчун пешоҳанги ин амал дар Тоҷикистон дар доираи "Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025" доир ба таъмин кардани аҳолии кишвар бо оби босифати ошомиданӣ як силсила корҳоро анҷом додем.

Дар самти таъминоти аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ ва обёрии заминҳои кишоварзӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд 52 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми 7,8 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

То имрӯз дар 23 шаҳру ноҳияи кишвар, аз ҷумла дар аксари шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ доир ба обтаъминкунӣ дар ҳаҷми 1,5 миллиард сомонӣ ба анҷом расида, 9 лоиҳаи дигар ба маблағи боз 1,5 миллиард сомонӣ идома дорад.

Дар натиҷа дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Ваҳдат, Ҳисор ва ноҳияҳои Панҷу Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мушкилоти таъмини аҳолӣ бо оби босифати нӯшокӣ асосан ҳал гардидааст.

Аммо сифати иҷрои корҳо дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ва таъминоти сокинони чандин шаҳру ноҳияи кишвар бо оби ошомиданӣ ҳанӯз моро қонеъ карда наметавонад.

Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон кишвари сероб мебошад, дар шароити имрӯза ва бо дарназардошти манфиатҳои наслҳои оянда мо бояд роҳҳои истифодаи самараноку сарфакорона ва муносибати эҳтиёткорона бо захираҳои обро васеъ ҷорӣ намоем.

Дар шароите, ки пайомадҳои тағйирёбии иқлим аксари мамолики дунёро ба ташвиш овардаанд, олимони моро зарур аст, ки ба ин масъалаи глобалӣ бештар аҳаммият диҳанд.

Ба Академияи илмҳо зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо олимони кишварҳои дигар дар самти пайомадҳои тағйирёбии иқлим таҳқиқоту омӯзиш гузаронида, дастовардҳои кишварро дар ин самт ҳамаҷониба муаррифӣ намояд.

Ба ҷаҳониён шарҳ додани аҳаммияти ташаббусҳои Тоҷикистон дар соҳаи об, пеш аз ҳама, вазифаи олимони кишвар мебошад.

Дар Тоҷикистон истеҳсоли 98 фоизи нерӯи барқ ба соҳаи гидроэнергетика рост меояд.

Бинобар ин, кишвари мо аз ҳисоби нишондиҳандаи партови газҳои гулхонаӣ дар ҷаҳон ҷойи 135 - умро ишғол менамояд, ки ин мақоми хеле баланд ва саҳми арзишманди Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ мебошад.

Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ дар Тоҷикистон ба ҳар як нафари аҳолӣ дар миқёси минтақа камтарин буда, саҳми муносиби мо дар беҳдошти вазъи экологии минтақа ва сайёра мебошад.

Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба мо истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, асосан гидроэнергетика мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Хотирнишон месозам, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди "энергияи сабз" ва рушди "иқтисоди сабз" ба ҳисоб меравад.

Бо пурра ба кор даромадани нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" Тоҷикистон дар миқёси олам ба қатори се кишвари аввали тавлидкунандаи "энергияи сабз" шомил мегардад.

Дар ҳудуди Тоҷикистон 13 ҳазор пиряххои хурду бузург, аз ҷумла дарозтарин ва бузургтарин пиряхи дар хушкӣ ҷойгиршудаи дунё бо номи Федченко, ки дарозии он 76 километрро ташкил медиҳад, мавҷуд буда, масоҳати умумии онҳо 6 фоизи ҳудуди кишварро дар бар мегирад.

Дар чил соли охир аз таъсири гармшавии иқлим беш аз ҳазор пиряx об шуда, пурра аз байн рафтааст.

Ҳолати кунунии пиряхҳо тақозо менамояд, ки якҷо бо сохторҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла дар самти ташкил намудани экспедитсияҳои омӯзиши вазъи онҳо тадбирҳо андешида шаванд.

Дар солҳои минбаъда пайомадҳои манфии тағйирёбии иқлим ба соҳаи кишоварзӣ низ меафзояд.

Сол ба сол афзоиш ёфтани масоҳати заминҳои бекор, биёбоншавӣ ва камобиву хушксолӣ боиси торафт паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ мегардад.

Моро зарур аст, ки маданияти баланди заминдориро риоя намуда, ҷиҳати истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои обёрии заминҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираҳои об тадбирҳои доимӣ андешем.

То имрӯз дар самти азхудкунии заминҳои нави обёришаванда, барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар 12 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми қариб 2 миллиард сомонӣ татбиқ гардидааст ва ҳоло чунин лоиҳаҳо ба маблағи 665 миллион сомонӣ идома доранд.

Бо вуҷуди ин, ҳар сол майдони беш аз 40 ҳазор гектар замин дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор мегирад.

Вазорати кишоварзӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки дар самти пешгирӣ кардани аз гардиши кишоварзӣ баромадан ва шӯршавии заминҳо тадбирҳои доимӣ андешанд.

Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки якҷо бо Вазорати кишоварзӣ ҷиҳати зиёд кардани майдони кишти зироатҳо, ташкили гармхонаву сардхонаҳо ва беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватании аз лиҳози экологӣ тоза, коркарди маҳсулоти соҳа ва афзоиш додани ҳаҷми содирот чо-

*(Давомаш дар саҳ. 3)*

*(Аввалаш дар саҳ. 1, 2)*

раҳои қатъӣ андешанд.

Аз як қитъаи замин гирифтани на як-ду, балки се-чор ҳосил, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми фаъолияти олимон ва кишоварзон дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Ҳамватанони арҷманд!

Рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати мо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд.

Аллакай, дар зарфи соли якуми эълон гардидани "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дар деҳоти мамлакат як қатор пешравиҳо ба назар расида, рушди сайёҳӣ ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ идома ёфта истодааст.

Бо вуҷуди ин, мо бояд суръати ободонӣ ва бунёдкориро боз ҳам вусъат бахшем, мушкилоти ҷойдоштаро бартараф созем ва барои рушди деҳот, сайёҳӣ ва тақвияти омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоем.

То имрӯз дар кишвар зиёда аз 200 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошта, 15 лоиҳаи инфрасохтори сайёҳӣ аз имтиёзҳои пешбинишуда бархурдор гардидаанд.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ беш аз як миллион нафар сайёҳон аз мавзеъҳои нодири кишвари мо дидан кардаанд, ки нисбат ба соли гузашта 20 фоиз зиёд мебошад.

Зарур аст, ки дар соли 2020 ва солҳои минбаъда шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳамаи мавзеъҳои сайёҳӣ беҳтар карда, сатҳу сифати хизматрасонӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.

Бо мақсади рақобатпазир гардонидани соҳа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосирро омода кунем, кормандони ширкатҳои сайёҳӣ, роҳбаладҳо, тарҷумонҳо ва дигар мутахассисони соҳаро мутобиқ ба талаботи бозори сайёҳӣ ба воя расонем.

Рушди сайёҳӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос дар ин самт ба пешрафти иқтисоди миллии кишвар такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳонро ба мамлакат зиёд менамояд ва барои таъсиси ҷойҳои корӣ имкони бештар фароҳам меорад.

Ба хотири муҳайё кардани шароити муосири таълимӣ барои тарбияи кадрҳо пешниҳод менамоям, ки дар заминаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъсис дода шавад.

Бовар дорам, ки ба хотири рушди ин соҳаи муҳим тамоми сохторҳои давлатӣ, соҳибкорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ якҷо фаъолият намуда, ҷиҳати муаррифии арзандаи Тоҷикистони азиз талоши бештар мекунанд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хориҷӣ, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамоянд, пешниҳод мешавад, ки ба онҳо аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар раводиди бисёркаратаи панҷсола дода шавад.

Дар доираи "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", ҳамчунин, бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон, пешниҳод менамоям, ки ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, ки ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, раводиди навъи сайёҳии бисёркарата дода, муҳлати он то 60 рӯз дароз карда шавад.

Илова бар ин, бо мақсади соддагардонии рафтуомади ҳамватанони бурунмарзие, ки зодагони Тоҷикистон мебошанд, раводиди бисёркаратаи сесола дода шавад.

Вазорати корҳои хориҷӣ ҷиҳати татбиқи пешниҳодҳои зикргардида лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

дахлдорро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созад.

Ҳамчунин, Кумитаи рушди сайёҳиро зарур аст, ки бо мақсади тарғиби бештари омилҳои таърихиву фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ, истироҳативу табобатӣ ва экологии Тоҷикистон барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои дар ин соҳа пешрафта пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд.

**Дӯстони азиз!**

Мо то имрӯз барои пешрафти соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, татбиқи сиёсати ҷавонон, занон ва оила ва рушди варзиш корҳои зиёдеро ба анҷом расонидем.

Дар марҳалаи кунунии пешрафти Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро онҳо дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд.

Соли ҷорӣ ба маблағи 500 миллион сомонӣ 130 муассисаи таҳсилоти умумӣ ба зиёда аз 32 ҳазор ҷойи нишаст ба истифода супорида шуд.

Аз ин шумора 32 муассиса бо қариб 10 ҳазор ҷойи нишаст аз ҳисоби соҳибкорону шаҳрвандони саховатпешаи кишвар ба маблағи беш аз 122 миллион сомонӣ бунёд шуда, ҳиссаи онҳо дар сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои соҳаи маориф ва дигар бахшҳо рӯз ба рӯз афзуда истодааст.

Соли 2020 сохтмони 181 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 900 миллион сомонӣ бо муҳайё намудани 54 ҳазор ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст.

То ҷашни 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ 128 муассисаи томактабӣ ва 338 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд гардида, дар маҷмӯъ, 1332 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ тармиму таҷдид карда мешавад.

Илова бар ин, ҳоло бо саъю кӯшиши соҳибкорон зиёда аз 400 муассисаи фарҳангӣ, 105 беморхонаву дармонгоҳ, 257 маркази саломатӣ ва 467 бунгоҳи тиббӣ бунёд ва таъмиру азнавсозӣ шуда истодааст.

Ман аз номи худ ва Ҳукумати Тоҷикистон ба кулли мардуми кишвар, аз ҷумла ба ҳамаи соҳибкорони ватаниву бурунмарзиамон ва дигар шахсони ҳимматбаланд, ки дар амалӣ шудани Амри Роҳбари давлат дар бунёду таҷдиди роҳу пулҳо ва иншооти иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои маориф ва фарҳангу тандурустӣ, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, хатҳои обрасонӣ ва дигар корҳои хайр саҳми ватандӯстона гузошта истодаанд, миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд.

Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 -2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карда шаванд.

Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳо ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, вазифадор карда мешаванд, ки нақшаи чорабиниҳоро доир ба ин масъала дар муҳлати се моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Инчунин, пешниҳод менамоям, ки ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро оид ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор намуда, ғолибони озмунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз лиҳози моддиву маънавӣ қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонида шаванд.

Мардуми мамлакат барои иҷрои ниёзҳои динии худ дар як муддати кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ зиёда аз 5 ҳазор масҷид бунёд карданд.

Акнун вақти он расидааст, ки маъракаи бунёди мактабҳо ва боғчаву кӯдакистонҳоро вусъат бахшида, дар ин кори хайр ҳама якҷо саъю талош кунем ва саҳми худро барои ояндаи давлату миллат гузорем, яъне ғами фарзандонамонро хӯрем.

Ислоҳи ин мушкилоти ҷомеа, ки давлат ба он афзалият медиҳад, вазифаи ҳар як сокини бонангу номус ва боиродаву ватандӯст ба ҳисоб меравад ва бовар дорам, ки ин кори хайру савоб аз ҷониби аҳли ҷомеа дастгирӣ меёбад.

Мо бояд забони шево ва шоиронаи тоҷикиро мисли модар ва Ватани худ дӯст дорем ва онро ҳамчун гавҳари бебаҳои ҳастиамон ҳифз кунем.

Забон ойинаест, ки дар он симои пурҷилои миллат равшан инъикос мешавад ва мо бояд ба қадри ин нишонаи ҳастии миллатамон расем ва дар баробари ин, ба омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ҳамчун забонҳои муоширати байналмилалӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем.

Мо омӯзиш ва аз худ кардани забонҳоро на барои худнамоӣ, балки бо мақсади маърифатнок гардонидани ҷомеа қарор медиҳем.

Аз ин рӯ, ҳар як фарди бедордил бояд барои ғанӣ гардидани забони модарӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиш кунад, ба мутолиаи китоб диққати аввалиндараҷа диҳад ва ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии худ саъю талош намояд.

Чунки тибқи таҳлилҳо вақтҳои охир дур шудан аз китобхонӣ яке аз масъалаҳои нигаронкунанда дар байни хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорони онҳо мебошад.

Доир ба ин масъала ман дар Рӯзи дониш Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро вазифадор намудам, ки муносибати хонандагонро ба хондани китоб ва аз ёд кардани порчаҳои назму наср ҷиддӣ назорат кунанд ва барои боло бурдани сатҳи маърифатнокӣ, тавсеаи ҷаҳонбинӣ ва сухандону сухангӯ шудани насли ояндаи кишвар тадбирҳои ҷиддӣ ва судмандро ба роҳ монанд.

Роҳбарону масъулони соҳаро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро баланд бардошта, ҷиҳати боло рафтани савияи донишу маърифатнокии хонандагону донишҷӯён тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд ва ҳамзамон бо ин, ба тарбияи насли наврас диққати бештар дода, барои амалӣ гардидани Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешанд.

Вобаста ба ин, ҳар сол озмуни "Фурӯғи субҳи доной" - ро баргузор намуда, ба он доираи ҳарчи васеътари ҷомеа ҷалб ва ҷиҳати ҳавасмандсозии ғолибон аз мактаб сар карда, то мақомоти маҳалливу марказии ҳокимияти давлатӣ чораҷӯӣ карда шавад.

Яъне Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки минбаъд ҳар сол озмуни "Фурӯғи субҳи доной..." - ро аз рӯи се самт: якум- миёни тарбиягирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ; дуюм - таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва сеюм - дар байни калонсолон васеъ ба роҳ монанд.

Китобхонаҳо бояд ба маркази муҳимми илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханронии сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад.

Вобаста ба ин, ба вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, сохторҳои илмӣ, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот супориш дода мешавад, ки ба хотири баланд бардоштани сатҳи маънавиёти аҳолӣ ҷопи китобҳои бадеиро зиёд намуда, дар як сол хондани на камтар аз панҷ китоби бадеӣ ва ҳифзи асарҳои манзуму мансури адибони гузаштаву муосирро барои калонсолону хонандагон ба роҳ монанд ва иҷрои онро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Дар солҳои 2014-2019 аз ҳисоби Вазорати маориф ва илм қариб 6 миллион нусха ва аз ҳисоби Вазорати фарҳанг беш аз 2 миллион нусха китобҳои бадеӣ ба нашр расидаанд. Вале як қисми онҳо ба гардиш ворид нагардида, то ҳол дар анборҳо нигоҳдорӣ мешаванд.

Дар баробари ин, бо дастури мо аз соли 2007 то соли 2019 - ум 38 ҷилди китоби "Ахтарони адаб" 190 ҳазор нусха чоп шудааст, аммо қисми зиёди он ба фурӯш нарафта, дар анборҳои нашриёт боқӣ мондааст.

Умуман, дар анборҳои нашриётҳо беш аз 2 миллион нусха китобҳо ба фурӯш нарафта, бе гардиш мондаанд.

Аз ин рӯ, роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади зиёд кардани фонди китоб барои китобхонаҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маблағҳои зарурӣ ҷудо намоянд.

Олимону донишмандони моро зарур аст, ки ба шинохти дурусти таърих, тарғиби мероси маънавӣ ва суннату ойинҳои мардумӣ низ, ки тайи асрҳо дар хотираи таърихии миллати тоҷик нақш бастаанд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.

Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем.

Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби "Тоҷикон" - ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ ба номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар туҳфа намояд.

Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг ва Академияи илмҳо вазифадор карда мешаванд, ки китоби мазкурро ба забонҳои байналмилалӣ тарҷума ва чоп карда, нусхаи электронии онро тавассути шабакаҳои иттилоотӣ паҳн созанд.

Арзиши илмии ин асари бунёдӣ бениҳоят бузург аст ва Бобоҷон Ғафуров бо заҳмати чандинсолаи худ мо ва мардуми ҷаҳонро бо саҳифаҳои таърихи рангини миллатамон ошно кард.

Фикр мекунам, ки дар шароити кунунӣ, яъне замоне, ки ҳар як фарди ҷомеа ба худшиносӣ ва ҳифзи хотираи таърихии худ беш аз пеш ниёз дорад, ҷопи ин шоҳасар ва дастраси тамоми мардуми кишвар гардонидани он ба густариши эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва болоравии сатҳи маърифатнокии ҷомеаи мо ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳарчи бештар рӯ оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷӯи илму донишро ҷой кунем.

Ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ бо дарназардошти завқи наслҳои имрӯза аз муҳимтарин вазифаҳои мо дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Бо пешниҳоди мо чанд рӯз пеш Конфронси генералии ЮНЕСКО доир ба баргузории ҷашнҳои 5500-солагии Саразми бостонӣ ва 700 - солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ қарор қабул кард.

Ба оламиён муаррифӣ кардани осори илмиву адабӣ ва намунаҳои фарҳанги тоҷикон ҳамчун миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, шаҳрсозу шаҳрдор ва соҳиби девону дафтар аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини мо ба ҳисоб меравад.

Яъне мо бояд фарҳангӣ будани миллати худро ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ намоем.

Ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори муассисаҳои фарҳанг мо бояд ба таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддиву техникӣ ва тарбияи кадрҳои соҳа, мусоидат ба раванди ташаккули эҷодиёти халқ, истифодаи самарабахши неруи фарҳангӣ ва маънавии миллат таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунем.

Дар робита ба ин, пешниҳод менамоям, ки таҳти сарпарастии Президенти мамлакат озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" ҳар сол баргузор карда шавад.

Ҳамчунин, сиёсатмадорону сиёсатшиносон, фарҳангиён ва зиёиёни моро зарур аст, ки дар самти фаҳмондадиҳии моҳияти равандҳои муосир, мубориза бо хурофоту ирфиҷоъпарастӣ ва тақлид ба расму ойинҳои бегона миёни ҷомеа корҳои тарғиботиро тақвият бахшида, рисолати сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии худро дар назди халқу Ватан содиқона иҷро намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мо ба соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низ диққати махсус дода, тайи як сол садҳо иншооти тандурустӣ, аз ҷумла беморхонаҳои замонавӣ, марказҳои саломативу бунгоҳҳои тиббиро бунёд ва мавриди истифода қарор додем.

Бо ин роҳ инфрасохтори ин соҳаи муҳимми иҷтимоӣ, махсусан, дар деҳоти кишвар ва сифати хизматрасониҳо ба куллӣ тағйир ёфта истодааст. Соли 2019 дар мамлакат 154 муассисаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба истифода дода шуд.

Танҳо дар ду соли охир 320 номгӯй таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва технологияҳои навтарин барои истеҳсоли доруворӣ дар ҳаҷми 950 миллион сомонӣ ворид гардида, барои муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳо 150 воситаи нақлиёти санитариву махсусгардонидашуда харидорӣ карда шудааст.

Буҷети соҳаи тандурустӣ дар ҳафт соли охир аз 716 миллион сомонӣ ба 1 миллиарду 740 миллион сомонӣ расидааст, ки ин нисбат ба соли 2013-ум 2,4 баробар зиёд мебошад.

Дар соли 2020 маблағгузории давлатии соҳа қариб 2 миллиард сомонӣ ё худ бо афзоиши қариб 6 фоиз назар ба соли 2019 пешбинӣ

*(Давомаш дар саҳ. 4)*

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(Аввалаш дар саҳ. 1, 2, 3)*

шудааст.

Ҳарчанд ки дар натиҷаи таъмин кардани муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳо бо таҷҳизоти муосир як қисми мушкилоти соҳа рафъ гардидааст, аммо сатҳу сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва савияи касбии кормандони миёна ҳоло ҳам ба беҳбудӣ ниёз дорад.

Вобаста ба ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки фаъолияти муассисаҳои тиббиро зери назорати қатъӣ қарор дода, сатҳу сифати хизматрасониро ба аҳолӣ беҳтар ба роҳ монад ва давра ба давра курсҳои бозомӯзиро дар миёни ҳамаи зинаҳои кадрии соҳа ташкил намояд.

Барои ҳар як давлат солимии аҳли ҷомеа зарур мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд халқамонро солим нигоҳ дорем ва барои тандурустии он тамоми шароитро фароҳам оварем.

Соли 2020 дар кишварамон барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида мешавад. Ин чорабинӣ дар марҳалаи нави рушди иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон барои муайян намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии равандҳои демографӣ равона карда шудааст, ки дар ҷараёни банақшагирӣ ва амалӣ гардонидани сиёсати давлат дар ин самт муҳим мебошад.

Тибқиояндабинии ниҳоди марбутаи Созмони Милали Муттаҳид аҳолии кураи замин соли 2050 то 9,7 миллиард нафар афзоиш меёбад. Мувофиқи ҳамин дурнамо аҳолии кишвари мо соли 2050 ба 17 миллион нафар мерасад.

Агентии омор, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки якҷо бо Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ва дигар сохторҳои марбута бо истифода аз технологияҳои муосир ҷиҳати омодагӣ ва дар сатҳи баланд баргузор намудани чорабинии зикршуда тадбирҳои зарурӣ андешанд ва маблағҳои ба ин мақсад ҷудошударо самаранок истифода намоянд.

**Ҳамватанони азиз!**

Мо ба масъалаи таъсиси ҳарчи бештари ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳунарҳои мардумӣ ва шуғли хонагӣ диққати зарурӣ медиҳем.

Ҳоло дар кишвар дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи 97 ихтисос, дар марказҳои таълими калонсолон аз рӯйи 57 ихтисос ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи 166 ихтисос, дар маҷмӯъ, аз рӯйи 454 ихтисос кадрҳои коргарӣ омода карда мешаванд.

Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, инчунин, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар муддати панҷ соли оянда шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намуда, ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддиро роҳандозӣ намоянд.

Дар баробари ин, барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2025 таҳия намуда, ҷиҳати иҷрои он тадбирҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки сифати таҳсилот ва касбомӯзиро дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар созад ва ихтисосу ҳунарҳоеро, ки барои кишвар заруранд, таъсис дода, ҷиҳати ба шуғл таъмин шудани сокинони мамлакат, бахусус, занону духтарон тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ соли ҷорӣ шумораи шаҳрвандони мо, ки берун аз кишвар фаъолияти меҳнатӣ доранд, қариб 60 фоиз кам шудааст, ки ин натиҷаи рушди иқтисодиёт ва ташкили ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар мебошад.

Шумораи аз ҳама зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ 1 миллиону 100 ҳазор нафар ба соли 2010 рост меояд. Соли ҷорӣ ин рақам 486 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Вале ин нишондиҳанда ҳоло ҳам қонеъкунанда нест.

Роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти марказиву маҳаллӣ, корхонаву муассисаҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоту муассисаҳои давлативу ғайриҳукуматӣ, соҳибкорону тоҷирон ва умуман, ҳар як фарди ватандӯсту бонангу номусро зарур аст, ки барои ташкил кардани ҷойҳои корӣ дар кишвар талош намоянд.

Бо ин мақсад, мо бояд то ҷашни 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ фаъолияти худро боз ҳам беҳтар карда, бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо барои сокинони кишвар ҳар сол на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳем ва бо ҳамин роҳ шиддати муҳоҷирати меҳнатиро паст намоем.

Бо мақсади рушди низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва таъмини устувории низоми молиявии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа як силсила корҳо ба анҷом расонида шудаанд.

Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки соли 2013-ум 1 миллиарду 683 миллион сомониро ташкил карда буд, соли 2020 дар ҳаҷми 3,2 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки дар муқоиса бо соли 2013 қариб ду баробар зиёд мебошад.

Ҳоло дар мамлакат 700 ҳазор нафар нафақахӯрон, аз ҷумла 148 ҳазор маъюбон, 5277 нафар ятимони кулл ва 74 ҳазор ятимон зери сарпарастии давлат қарор доранд.

Соли ҷорӣ аз ҳисоби буҷети давлат муассисаҳои пиронсолон ва маъюбон беш аз 36 миллион сомонӣ маблағгузорӣ шудаанд, ки ба ҳар як нафар 22 ҳазору 600 сомонӣ рост меояд.

Ҳаҷми маблағгузорӣ ба чунин муассисаҳо дар давоми 10 соли охир 3,2 баробар афзоиш ёфтааст. Илова бар ин, танҳо соли 2019 ҳаҷми кумакпулиҳо аз ҳисоби буҷети давлат барои шаҳрвандони имконияташон маҳдуд беш аз 102 миллион сомониро ташкил намуд.

Имрӯз дар кишвар расонидани кумак ба оилаҳои камбизоат, ятимону бепарасторон ва шахсони эҳтиёҷманд ба ҳукми анъана даромадааст.

Халқи сарбаланди тоҷик дар ҳама давру замон ба табақаҳои ниёзманд дасти ёрӣ дароз карда, саховату ҳимматбаландии ибратомӯз нишон додааст.

Ҳукумати кишвар минбаъд низ ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ, аз ҷумла ятимону маъюбон, шахсони бемору барҷомонда ва оилаҳои камбизоат кумак мерасонад ва бовар дорам, ки соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони саховатпеша баробари сохторҳои давлатӣ дар амалҳои хайру савоб боз ҳам фаъолона саҳм хоҳанд гузошт.

Бо мақсади танзими раванди таъини нафақаи маъюбӣ ва пешгирӣ кардани пардохти нафақаҳои маъюбии беасос ҳоло дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд лоиҳаи "Таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ" амалӣ шуда истодааст, ки тибқи он махзани ягонаи иттилоотӣ ва тартиби муосири баҳисобгирии шахсони маъюб таҳия гардида, то 6 моҳи минбаъда маълумоти дахлдор ба шабакаи ягонаи электронӣ гузаронида мешавад.

Ин тадбир имкон фароҳам меорад, ки маблағҳои аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудошаванда самараноку суроғавӣ истифода гардида, шахсони воқеан маъюб аз онҳо бархурдор бошанд.

Ҳукумати Тоҷикистон вазъи иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеаро ҳамеша дар маркази диққати худ қарор дода, вобаста ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар барои беҳтар намудани шароити онҳо пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати кишвар дастгирии молиявии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва оилаҳои камбизоат афзалият дорад ва ин бартарият дар солҳои минбаъда низ боқӣ мемонад.

Дар ҳамин асос ва бо мақсади дастгирии иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеа нафақаи шаҳрвандони маъюби то 18 - сола, инчунин, дигар гурӯҳҳои маъюбон, ки кор намекунанд ва ба нигоҳубин эҳтиёҷ дошта, ба онҳо дар асоси Қонун "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" нафақаи иҷтимоӣ таъин шудааст, пешниҳод менамоям, ки аз 1 сентябри соли 2020 нафақаи онҳо 50 фоиз зиёд карда шуда, андозаи он ба нафақаи нафақагироне, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ" муқаррар гардидааст, баробар карда шавад.

Тадбири мазкур имкон медиҳад, ки вазъи иҷтимоии қариб 30 ҳазор нафар нафақагир беҳтар гардад.

Инчунин, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани шароити иҷтимоии нафақагирони кишвар пешниҳод менамоям, ки аз 1 сентябри соли 2020 ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоии нафақа аз рӯи синну сол ва нафақаи заминавӣ, инчунин, нафақаҳои меҳнатии шаҳрвандон 15 фоиз зиёд карда шаванд.

Дар баробари ин, музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия 15 фоиз ва музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10 фоиз зиёд карда шавад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Занону духтарон дар ҷомеаи имрӯзаи мо нақши фаъол дошта, дар аксари соҳаҳо, бахусус, дар бахшҳои иҷтимоӣ бештар кору фаъолият менамоянд.

Ҳоло шумораи занон дар соҳаҳои маориф беш аз 70 фоиз, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 67 фоиз, фарҳанг 51 фоиз ва дар сафи хизматчиёни давлатӣ 23,3 фоизро ташкил медиҳанд.

Дар соҳаи кишоварзӣ низ саҳми занону духтарон бисёр арзишманд мебошад.

Мо минбаъд низ ҷиҳати амалӣ намудани Фармони Президент доир ба баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон дар ҷомеа чораҳои зарурӣ андешида, занону бонувони лаёқатмандро ба вазифаҳои давлативу роҳбарӣ ҷалб мекунем.

Бовар дорам, ки дар интихоботи дарпешистодаи Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллӣ шумораи бонувон бештар мешавад ва онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъолона ширкат хоҳанд кард.

Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки занону бонувони мамлакат дар татбиқи сиёсати давлат баробари мардон кору фаъолият намуда, дар рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳми арзанда гузошта истодаанд.

Мо минбаъд низ дастгирии занону духтаронро густариш бахшида, ташаббусҳои созандаи онҳоро дастгирӣ менамоем.

Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса,ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад.

Насли ҷавони кишвари мо бо дарки масъулияти баланд, иродаи мустаҳкам, садоқату муҳаббати ватандорӣ, эътиқод ба арзишу муқаддасоти миллӣ ва ақлу заковати худ исбот намуд, ки роҳи интихобкардаи мо дар масири ватансозиву ватандорӣ дуруст мебошад.

Мо иштироки фаъолонаи ҷавонони мамлакатро дар сохтмони нерӯгоҳу корхонаҳои азими кишвар, аз ҷумла нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ва корҳои бунёдкориву созандагӣ баръало мушоҳида менамоем.

Сафи ҷавонон дар соҳаҳои дигар, аз ҷумла саноату сохтмон, маорифу тандурустӣ ва кишоварзӣ низ торафт афзоиш ёфта истодааст.

Саҳми ҷавонон, дар ҳифзи Модар - Ватан шоистаи таҳсин буда, онҳо дар тамоми ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ содиқона хизмат мекунанд ва дар ҳимояи сарҳади давлатӣ низ нақши бузург мебозанд.

Имрӯзҳо беш аз 257 ҳазор нафар ҷавонон, ки 30 фоизи онҳоро духтарон ташкил медиҳанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохил ва хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Барои таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон сохтору мақомоти марбутаро вазифадор месозам, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", "Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030"- ро дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгароӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад.

Варзиш ба фаъолияти ҷавонон алоқамандии мустақим дорад.

Имрӯз дар кишвар 10 ҳазор иншооти варзиш фаъолият дошта, тайи солҳои 2011-2018 қариб 2200 иншооти соҳаи варзиш бунёд ва 1059 иншоот таъмиру таҷдид гардидааст.

Дар соли 2019-ум 358 иншооти варзиш, аз ҷумла зиёда аз 200 иншоот дар пойтахти кишвар сохта шудааст.

Мо бояд дар оянда низ ба оммавигардонии варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим диққати аввалиндараҷа диҳем ва барои тандурустии аҳли ҷомеа шароити боз ҳам беҳтар фароҳам оварем.

Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзишро зарур аст, ки якҷо бо Кумитаи миллии олимпӣ ва федератсияҳои варзиш навъҳои мухталифи варзишро васеъ ҷорӣ карда, ҷиҳати баргузор намудани мусобиқаҳо мунтазам чораҷӯӣ кунад.

Ҳамзамон бо ин, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар давоми даҳ соли оянда дар ҳар як деҳа ва маҳалҳои аҳолиашон аз 100 хоҷагӣ зиёд як муассисаи томактабӣ, як толор ва як майдони варзиш бунёд карда, ба оммавӣ шудани варзиш ва солимгардонии аҳолӣ мусоидат намоянд.

**Ҳамватанони азиз !**

Мувофиқи меъёрҳои Конститутсия халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад ва онро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд.

Интихобот ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ тавассути изҳори озодона ва ихтиёрии иродаи интихобкунандагон буда, ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор намудани он яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад.

Мо хуб медонем, ки ноороминву бесарусомониҳо, ба гурӯҳҳои муқобил ҷудо шудани шаҳрвандони кишвар ва ихтилофоти шадид дар ҷомеа аз интихоботи президентии соли 1991 оғоз шуд ва оқибат боиси сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид.

Интихобот ҳамчун маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар ба хотири рушду ободии фардои мамлакат ва осоиши наслҳои оянда фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақозо мекунад.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2019 интихоботи навбатии вакилони Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллӣ рӯзи 1 марти соли 2020 таъин шуд.

Интихоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, вакилони маҷлисҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳо ҳуқуқи истисноии интихобкунандагон мебошад.

Ҳеҷ як ҳизбу созмон ё шахси мансабдор ҳақ надорад, ки ин ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро вайрон карда, иродаи худро ба интихобкунандагон зӯран ё бо роҳҳои дигар таҳмил намояд.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон корро бояд тавре ташкил намояд, ки шаҳрвандон дар ин маъракаи сиёсӣ бо масъулияти баланд иштирок кунанд.

Барои дар сатҳи баланд баргузор намудани интихоботи дарпешистода мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки дар доираи талаботи қонун ба комиссияҳои интихоботӣ шароити мусоиди корӣ муҳайё созанд.

Таъкид менамоям, ки дахолат ба фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ манъ аст ва сохтору мақомоти марбута дар ин ҷараён бояд танҳо вазифаҳои тибқи қонун ба зиммаашон гузошташударо иҷро кунанд.

Мувофиқи талаботи қонунҳои амалкунанда ҳизбҳои сиёсӣ, ки масъул ва субъекти асосии пешбарӣ намудани номзадҳо ба вакилӣ мебошанд, инчунин, шаҳрвандони алоҳидаи худпешбаришуда, ки барои соҳиб шудан ба мандати вакилӣ талош мекунанд, вазифадоранд, ки фаъолияти худро танҳо дар чорчӯбаи Конститутсия ва қонунҳо амалӣ намоянд.

Ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандонро даъват менамоям, ки дар доираи қонунҳои амалкунанда талош кунанд, то ки ин чорабинӣ ба таҳкими боз ҳам бештари ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва густариши демократия дар кишвари соҳибистиқлоламон мусоидат намояд.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ва комиссияҳои интихоботӣ дар маҳалҳо уҳдадоранд, ки шахсияти номзадҳои пешбаришударо ҳаматарафа санҷида, талаботи қонунгузориро ба таври ҷиддӣ баррасӣ кунанд.

Ба мақомоти намояндагӣ, аз ҷумла ба парламенти кишвар бояд шахсони донишманду соҳибмаърифат, ботаҷрибаву обрӯманд ва ватандӯсту поквиҷдон пешниҳод ва интихоб шаванд.

Ба шумо - шаҳрвандони азизи мамлакат муроҷиат мекунам, ки ҳангоми баргузории интихоботи навбатӣ, аз вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ сар карда, то вакилони ҷамоатҳо бо дарки баланди масъулият намояндагони арзандаи худро бароиояндаи давлату миллат интихоб намоед.

**Вакилони муҳтарам!**

Амалҳои даҳшатноки террористӣ, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯзҳо ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст.

Инсоният дар симои терроризми байналмилалӣ бо душмани бераҳму шафқат ва маккоре рӯ ба рӯ омадааст, ки тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсониро поймол карда, барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ягон ваҳшоният рӯй намегардонад.

Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд.

Чунонки шумо хабар доред, чанде аз аъзои яке аз гурӯҳҳои созмо-

*(Давомаш дар саҳ. 5)*

*(Аввалаш дар саҳ. 1, 2, 3, 4)*

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ни террористии давлати ба ном исломӣ ба дидбонгоҳи Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳуҷум карда, даст ба қатли сарҳадбонон заданд.

Аз ин лиҳоз, сохтору мақомоти марбутаро зарур аст, ки дар роҳи ташвиқу тарғиби тундгароии динӣ садди устувор гузошта, ҷавононро ба ҳушёриву зиракӣ ҳидоят кунанд ва онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

Шарти муҳимми ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм", ки соли 1999, яъне 20 сол пеш қабул шуда буд, вобаста ба талаботи замон ба такмил ниёз дорад.

Ба вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Прокуратураи генералӣ супориш дода мешавад, ки лоиҳаи қонуни зикршударо дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Мусаллам аст, ки муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти созмонҳои экстремистиву террористӣ мебошад.

Ҳарчанд ки дар натиҷаи чораҳои андешидашуда солҳои охир қочоқи маводи мухаддир ба кишвар то андозае коҳиш ёфтааст, афзоиши воридоти дигар намудҳои маводи нашъаовар, ки ба саломатии инсон зарари бештар дорад, ба назар мерасад.

Аз ин рӯ, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, вазорати корҳои дохилӣ, адлия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Хадамоти гумрук вазифадор карда мешаванд, ки доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин, дар таҳрири нав омода кардани қонуни зикршуда чораҷӯӣ намуда, корро ҷиҳати пешгирии воридоти маводи нашъаовари сунъӣ боз ҳам тақвият бахшанд.

Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад.

Дар кишвари мо ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои дахлдори ҳуқуқиву сохторӣ фароҳам оварда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки фаъолияти баъзе мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо дар ин самт ҳанӯз ҳам ба талабот ҷавобгӯй нест.

Бинобар ин, роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳотро зарур аст, ки ба масъалаи интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, тарбияи онҳо дар рӯҳияи поквиҷдонӣ ва муносибати боэҳтиром ба шаҳрвандон эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Вазъи сиёсии тағйирёбандаи сайёра ва минтақа омодабошии ҳарбӣ ва тайёрии доимии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳро тақозо менамояд.

Хизматчиёни ҳарбиро зарур аст, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро ҳаргиз аз даст надиҳанд ва донишу малакаи касбии худро пайваста баланд бардошта, барои рафъи ҳолатҳои фавқулодаву ғайричашмдошт ҳамеша омода бошанд.

Ҳамчунин, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ вазифадор карда мешаванд, ки риояи интизоми ҳарбӣ, низоми тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо, идоракунии ҷузъу томҳои ҳарбӣ, огоҳсозӣ ва робитаи байниҳамдигариро доир ба вазъи фаврӣ пайваста такмил дода, ба масъалаи ҳифзи амнияти инфрасохтори низомӣ бисёр ҷиддӣ муносибат намоянд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари пешбарандаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда эътироф гардида, эътибор пайдо кардааст.

Ба шарофати сиёсати "дарҳои кушода", ки ҷавҳари равобити байналмилалии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, мо тавонистем бо аксари давлатҳои дунё муносибатҳои нек ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро дар соҳаҳои мухталиф ба роҳ монда, тақвият бахшем.

Мо минбаъд низ ин сиёсатро, бо дарназардошти воқеиятҳои нави байналмилалӣ, идома дода, кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ҳамкориҳоямонро бо шариконии стратегӣ ва минтақавию байналмилалӣ ба сатҳи сифатан нав барорем.

Рушду тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва таъмину таҳкими амнияту субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз рукнҳои бунёдии сиёсати хориҷии давлати моро ташкил медиҳад.

Мусаллам аст, ки амнияту суботи минтақаи мо, қабл аз ҳама, бо вазъи Афғонистон вобастагӣ дорад ва идомаи минбаъдаи муноқишаву низоъ дар Афғонистон метавонад ҳам барои ин кишвар ва ҳам барои минтақа оқибатҳои манфии дарозмуддатро ба бор орад.

Авзои ноороми ин кишвари дӯсту ҳамсоя тайи чил соли охир исбот месозад, ки қазияи Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад ва фақат воситаву фишангҳои сиёсиву дипломатӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ метавонанд калиди ҳалли масоили печидаи он бошанд.

Тоҷикистон кӯшишҳои Ҳукумати Афғонистонро ҷиҳати дарёфти роҳҳои сулҳомези ба эътидол овардани вазъи сиёсиву низомӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии он ҳамаҷониба пуштибонӣ мекунад.

Мо чунин мешуморем, ки тақдири Афғонистон ва роҳи ояндаи онро бояд худи мардуми ин кишвар ҳаллу фасл ва муайян созанд.

Ба ин манзур, мо аз ҳама гуна иқдомоти созандаи роҳандозӣ намудани раванди музокироти сулҳ дар Афғонистон истиқбол менамоем ва умед дорем, ки талошҳои ҷонибҳои алоқаманд дар ин ҷода натиҷаҳои мусбат ба бор хоҳанд овард.

Зимнан, мо боз ҳам ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муроҷиат намуда, даъват ба амал меорем, ки доир ба масъалаи истиқрори сулҳу оромӣ дар сарзамини азиятдидаи Афғонистон бо масъулияти том мавқеъгирӣ намоянд.

Ҷониби Тоҷикистон минбаъд низ саҳми амалии худро дар ин самт хоҳад гузошт.

Мо робитаҳои муассиру самарабахш ва созандаи худро бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, шариконии рушд ва ниҳодҳои бонуфузи молиявие, ки бо онҳо тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои судманд дорем, идома хоҳем дод.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз шаҳри Душанбе ба маркази баррасии масъалаҳои глобалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст.

Дар ин росто, танҳо соли ҷорӣ дар пойтахти кишвар як қатор чорабиниҳои муҳимми байналмилалӣ, аз ҷумла Саммити Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба мубориза бар зидди терроризм ва маблағгузории он доир гардиданд.

Тоҷикистон соли 2019 раёсати як қатор созмонҳои минтақавӣ ва ниҳодҳои онҳо, аз ҷумла Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Форуми ҳамкории амниятии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупоро ба уҳда дошт.

Соли оянда раёсати Тоҷикистон дар Хазинаи байналмилалии наҷоти баҳри Арал, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Раванди Истамбул оид ба Афғонистон оғоз мешавад.

Гузашта аз ин, боиси қаноатмандист, ки чорабиниҳои байналмилалии ҷониби мо доир ба захираҳои об миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ тахти унвони "Раванди Душанбе дар соҳаи об" эътибор пайдо кардааст.

Дар ин радиф, мо тасмим гирифтем, ки соли оянда ҷиҳати идомаи раванди мазкур ва татбиқи ташаббуси чоруми глобалии Тоҷикистон - Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", барои солҳои 2018-2028 дар пойтахти кишварамон Конфронси байналмилалии сатҳи баландро баргузор намоем.

Дар ин росто, Вазорати корҳои хориҷӣ бояд якҷо бо дигар вазорату идораҳои кишвар татбиқи амалии Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистонро пайгирона идома дода, ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои матлуб тадбирҳои пайваста ва зарурӣ андешад.

Мо минбаъд низ ба мақсади тавсеаи бештари робитаву ҳамкориҳо бо тамоми кишварҳои шарик доир ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрам ва расидан ба ҳадафҳои мутақобилан судманд, инчунин, таъмини манфиатҳои Тоҷикистон ва мардуми он дар арсаи байналмилалӣ талош хоҳем кард.

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам вакилони халқ!**

Ҳадаф аз стратегияву барномаҳои қабулшуда, ки ҷараёни татбиқи онҳо дар паёми имрӯза таҳлилу баррасӣ гардид, инчунин, мақсади ниҳоии қонунҳои қабулкардаи парламент, фармону амрҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат аз он иборат аст, ки пешрафти давлат, ободии Ватан ва муҳимтар аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон таъмин карда шавад.

Ман андешаҳои худро доир ба тақвият бахшидани корҳо дар ин самт баён доштам ва ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ, яъне вакилони парламент, роҳбарони вазорату идораҳо, сохтору мақомоти давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва тамоми шаҳрвандони мамлакатро даъват менамоям, ки дар роҳи пешрафти Ватани азизамон боз ҳам сарҷамъу муттаҳид бошем, то ин ки мо ҳама якҷо кишвари азизу муқаддасамонро ба як сарзамини обод ва ҳамқадами ҷаҳони муосир табдил диҳем.

Мардуми мо дар тӯли таърихи начандон тӯлонии даврони соҳибистиқлолӣ аз уҳдаи иҷрои бисёр корҳои ҷиддиву сарнавиштсоз бо сарбаландӣ баромаданд ва эътимод дорам, ки ба хотири таҳкими пояҳои давлати миллии худ минбаъд низ содиқона ва софдилона заҳмат мекашанд.

Бовар дорам, ки то ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ мо боз корҳои зиёди бунёдгаронаро амалӣ мекунем, тамоми захираву имкониятҳоро барои бунёди корхонаҳои хурду бузург сафарбар менамоем, барои ҳамватанонамон ҷойҳои нави корӣ муҳайё месозем ва сатҳи некӯаҳволии халқамонро боз ҳам беҳтар мегардонем.

Ман ба қудрати созандаву офарандаи мардуми сарбаланди тоҷик эътимод дорам ва як нуктаро дилпурона изҳор менамоям: мо ҳамаи иқтидору имкониятҳоро дорем, ки раванди ободкориву созандагиро беш аз пеш густариш бахшем, барои расидан ба ҳадафҳои миллиамон кӯшишу ғайрати бештар намоем, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ камбудиҳои мавҷударо бартараф кунем, рушди устувору босуботи кишвари азизамонро таъмин созем ва рӯзгори ҳар як хонадони Тоҷикистонро аз имрӯза беҳтар гардонем.

Дар ин раванд қарзи имонӣ ва вазифаи виҷдониву инсонии ҳар яки мост, ки истиқлолу озодии давлати тоҷиконро чун неъмати муқаддаси ҳаётамон ва мисли гавҳари бебаҳои зиндагиамон гиромӣ дорем ва барои ҳимояи он ҳамеша омода бошем.

Эътимоди комил дорам, ки мардуми бонангу номуси мо ин нуктаро хуб дарк мекунанд.

Мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон - Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳои ояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд.

Дар ин роҳи пуршараф ба тамоми сокинони кишвар ва ба ҳамаи шумо - вакилони халқ ва ҳозирини гиромӣ барору комёбӣ орзу менамоям.

**Ҳамеша сарбаланду комёб бошед, ҳамватанони азиз!**

## ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ СОЛИ НАВИ 2020

**Омӯзгорон ва донишҷӯёни азиз!**

Қаблан ҳамаи шуморо бо фарорасии Соли нави мелодии 2020, ки мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз он саодату хушиҳои зиёдро интизоранд, табрику таҳният мегӯям.

Соли 2020, ки баъди чанд рӯз ба ҳукми таърих ворид мегардад, барои тоҷикону тоҷикистониён воқеан ҳам соли бобарор ва пур аз рӯйдодҳои муҳими сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию варзишӣ буд.

Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26-уми декабр ироа гардида, ҳамчун роҳнамо дар рушди минбаъдаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию варзишии мамлакат ва боло рафтани обрӯю нуфузи он дар арсаи байналмилалӣ нақши муҳим бозид, дар сархати рӯйдодҳои сол меистад.

Дар соли 2019 муваффақиятҳои бадастовардаи омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ назаррас буданд. Дар ин сол 14 нафар омӯзгор бомуваффақият рисолаҳои номзадӣ ҳимоя намуда, сазовори дараҷаҳои илмӣ гардиданд.

Дар ин сол аз ҷониби олимони донишгоҳ 6 патент ба даст оварда шуда, натиҷаи корҳои илмӣ - тадқиқотии онҳо дар истеҳсолот татбиқи худро ёфтанд.

Ҳамкасбони азиз, бо дарназардошти аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани «Бистсолаи (2020-2040) омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», ки бо мақсади боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ роҳандозӣ карда мешавад, ҳар яки мо ҳамчун таълиму тарбиятдиҳанда ва тайёркунандаи мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир вазифадор ҳастем, ки бо дарки баланди масъулиятшиносӣ дар амалигардонии ин мақсади наҷиб саҳми арзандаи хешро гузорем.

Ҳамкасбон ва донишҷӯёни гиромӣ, суханони зерини Пешвои муаззами миллат: "Мо бояд ба хотири пешрафти давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон - Тоҷикистони озоду маҳбуб минбаъд низ сарҷамъона заҳмат кашем ва барои наслҳои ояндаи халқи худ мулки ободе мерос гузорем, то ки онҳо бо натиҷаҳои заҳмати ватандӯстонаи мову шумо ифтихор намоянд", ҳар яки моро водор менамояд, ки дар соли 2020 хубтару беҳтар кор карда, дастовардҳоямонро боз ҳам бештар гардонем.



Бо чунин нияту орзуҳои нек Соли навро бори дигар ба ҳар кадоми Шумо, ҳамкасбону донишҷӯёни азиз муборакбод мегӯям ва таманно дорам, ки он бароятон файзу баракат ва шодию нишот биёрад.

## ВАЗИФАҲОИ ГУЗОШТАШУДА ВОДОР МЕНАМОЯНД

**Дар маҷлиси тантанавие, ки рӯзи 27-уми декабри соли равон дар толори асосии ДТТ бо иштироки устодону кормандони донишгоҳ доир гардид, ҳисоботи ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020 шунида шуд.**

Тавре аз ҳисобот маълум гардид, коллективи аҳлу тифоқи донишгоҳ кору фаъолияташонро дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин дастурҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Чунончи, бо мақсади мутобиқ намудани сохторҳои донишгоҳ ба талаботҳои меъёрӣ, баланд бардоштани сифату самаранокии кори таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси замонавӣ бо қарори Шӯрои олимони ДДТ аз 29 январи соли 2019 дар сохтори донишгоҳ як қатор тағйирот гузаронида шуд, ки тавассути онҳо коллективи донишгоҳ дар соли 2019 дар самти таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилот, тарбия, иҷрои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ, навоварӣ, ихтирооту корҳои эҷодӣ, мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ ба як қатор муваффақиятҳо ноил гашт.

Яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои донишгоҳ кадрҳои илмию педагогӣ ба ҳисоб рафта он сатҳи иҷрои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва тайёр намудани мутахассисонро муайян менамояд.

Бояд қайд намуд, ки раёсати донишгоҳ барои таъмини иқтидори зеҳнии омӯзгорону кормандон фазои солим барқарор намуда, ҳавасмандкунонии омӯзгорони ҷавон ва унвонҷӯёнро ҷиҳати дифои рисо-

*(Давомаш дар саҳ. 6)*

# ВАЗИФАҲОИ ГУЗОШТАШУДА ВОДОР МЕНАМОЯНД

*(Аввалаш дар саҳ. 5)*

лаҳои илмӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолити худ қарор додааст. Ин иқдом имкон фароҳам овард, ки танҳо дар соли 2019 шонздаҳ нафар омӯзгорон рисолаҳои илмии худро дифоъ намоянд.

Дар ДТТ раванди мунтазами таълимро дар сатҳи 13 кафедраи тахассусӣ ва 6 кафедраи умумитаълимӣ 288 нафар омӯзгорон таъмин намуда истодаанд, ки аз онҳо 146




нафарашон дорои дараҷа ва унвони илмӣ мебошанд. Аз миқдори умумии ҳайати омӯзгорону профессорон - 20 нафарашон докторон ва 126 нафарашон номзадҳои илм мебошанд.

Натиҷагирӣ аз сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2018-2019 нишон дод, ки аз теъдодии умумии 4300 нафара сессияи асосиро 3600 нафар донишҷӯён бомуваффақият ҷамъбаст намуданд, ки ин 83,1 % - ро ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда нисбат ба сессияи асосии нимсолаи якуми соли таҳсили 2017-2018 8,2 % зиёд мебошад.

Пас аз гузаронидани триместри зимистона боз 645 нафар донишҷӯён тавонистанд қарзҳои академии худро бартараф намоянд. Ҳамин тариқ аз 4342 нафар донишҷӯёни донишгоҳ 4257 нафарашон пурра сессияи имтиҳонии зимистонаро ҷамъбаст намуданд, ки ин 98,0 %-ро ташкил менамояд.

Аз натиҷагирии сессияи асосии имтиҳонии тобистонаи соли таҳсили 2018-2019 маълум гардид, ки сессияи асосиро - 84,9 %-и донишҷӯён бомуваффақият ҷамъбаст намуданд ва ин нишондиҳанда нисбат ба сессияи асосии тобистонаи соли таҳсили 2017-2018, ки 78,1 %-ро ташкил медод, 6,8 % афзудааст.

Ҳамин тариқ, дар давоми сессияи тобистонаи соли таҳсили 2018-2019 аз 3174 нафар донишҷӯёни донишгоҳ 3105 нафарашон пурра сессияи имтиҳонии тобистонаро (бо назардошти триместр) ҷамъбаст намуданд, ки ин 97,8-ро ташкил менамояд.

Раёсати ДТТ дар самти аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани барномаи таълимӣ 21 июни соли 2019 бо Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани се барномаи таълимии амалкунанда шартномаи дуҷониба ба имзо расонида буд. Барои амалӣ гардидани ин чорабинӣ бо даъвати мутахассисони Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба моҳият, тартиб ва талаботи стандартҳои байналмилалии таъмини сифати таҳсилот бо омӯзгорону кормандони донишгоҳ семинарҳои тренингӣ гузаронида шуданд. Айни ҳол аз рӯи се барномаи таълимӣ: 1-250104 - молия ва қарз, 1-250103 - иқтисоди ҷаҳон ва 1-49010202 - технология шир ва маҳсулоти ширӣ ҳисоботи худбаҳодиҳӣ барои гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ пурра омода гардида, барои ташхис ва таҳлили Агентии байналмилалии аккредитатсия ва рейтингҳо ирсол карда шудааст.

Дар соли ҳисоботӣ аз ҷониби профессорону омӯзгорони ДТТ 8 китоби дарсӣ, 12 монография, 27 номгӯй дастури таълимӣ ва зиёда аз 95 дастурҳои методӣ таҳия гардида аз чоп баровarда шудааст.

Олимону омӯзгорони донишгоҳ дар самти иҷрои корҳои илмӣ ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Аз ҷумла, дар соли 2019 соҳиби 6 патенти ихтироот ва 4 санади татбиқӣ гардиданд. Аз тарафи омӯзгорон бошад, 14 монография ба чоп расонида шуд. Дар ин давра аз тарафи ҳайати омӯзгорону олимони донишгоҳ 713 мақола, аз ҷумла 101 мақола дар маҷалаҳои аз тарафи КОА эътирофшуда ба чоп расонида шуданд.

Алҳол, - гуфт Амонзода И. Т. дар донишгоҳ ҳамагӣ 3 мавзӯи буҷавии фармоишӣ мавриди иҷро қарор дорад, ки ин нокифоя аст. Аз ин рӯ, олимону омӯзгорони кафедраҳоро зарур аст, ки оид ба масъалаҳои муосири илму техника ва технология лоиҳаҳоро барои соҳиб шудан ба мавзӯъҳои буҷавии фармоишӣ таҳия ва пешниҳод намоянд.

Боиси сарфарозист, ки солҳои охир олимони донишгоҳ аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ - тадқиқотӣ соҳиби ҷоизаҳои давлатӣ ва байналмилалӣ гашта истодаанд. Чунончӣ, номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсент, мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмии донишгоҳ Яминзода Зарина Акрам барои фаъолияти илмӣ дар соҳаи техника ва технология ба Ҷоизаи давлатии ба номи И. Сомонӣ дар соли 2019 байни олимони ҷавон дар соҳаи илм сарфароз гардид. Ӯ инчунин барои саҳми ихтироъкорӣ дар Ташкилоти патентии Авруосиёгӣ аз ҷониби ин созмон бо медали тиллои Блинников В.И. сарфароз гардонида шуд.

Декани факултети технология ва дизайн, доктори илмҳои техникӣ Холназар Иброгимов ҳамчун Ихтироъкори беҳтарини ҶТ бо Медали WIPO-2019 аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ қадрдонӣ карда шуд.

Номзади илми кимиё, и.в. дотсент Мавзуна Шарипова дар форуми байналмилалии занҳои ихтироъкор "kiwie-2019", ки дар Ҷумҳурии Корея шуда гузашт, сазовори Дипломи дараҷаи 3-юм ва медали биринҷӣ гардид.

Гулрухсор Умарова, номзади илмҳои санъатшиносӣ, мудири кафедраи дизайни либос ва санъати муд дар фестивал-озмуни занони ҳунарманд ва конгресси байналмилалии санъат ва ҳунарҳои милии занон, ки 12-21 июн дар Донишкадаи санъати Табриз доир гардид, ҷойи аввалро соҳиб шуд.

Тавре Амонзода И. Т. ёдовар шуд, дар ДТТ ҳар сол ду маротиба озмуни "Ихтироъкорони ҷавон ва лоиҳаҳои инноватсионӣ" баргузор мегардад. Натиҷаи озмунҳо нишон




дод, ки олимони ҷавон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар ихтироъкорию навоварӣ хеле фаъол мебошанд.

23-юми апрел ва 20-уми ноябри соли 2019 бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" озмунҳо гузаронида шуданд, ки ғолибони он бо мукофотҳои зерини пулӣ: барои ҷойи якум - 1500 сомонӣ ва ифтихорномаи фахрӣ, барои ҷойи дуюм - 1000 сомонӣ ва ифтихорномаи фахрӣ, барои ҷойи сеюм - 700 сомонӣ ва ифтихорномаи фахрӣ ва инчунин бо пешниҳоди комиссияи озмун бо тарзи иловагӣ се мукофотпулӣ ва ифтихорнома ба се нафар иштирокчии фаъол ва 14 нафар бо ифтихорнома барои иштироки фаъол сарфароз гардонида шуданд. Дар озмун 9 нафар хонандагони Литсейи инноватсионии "Душанбе" бо ихтирову лоиҳаҳои худ иштирок намуда, сазовори тӯҳфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаҳо гаштанд.

Боиси сарфарозист, ки донишҷӯёни донишгоҳ дар озмунҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ ширкат варзида соҳиби ҷойҳои намоён гашта истодаанд.

27.01.2019 донишҷӯи курси 3-юми факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ Рустам Алиев барои фаъолияти босамар дар соҳаи навовариюу ихтироъкорӣ, саҳми фаъолона дар рушди техникаю мошинолоти кишоварзӣ, ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсолкунандаи ватанӣ, оҳангари беҳтарин ва иштироки назаррас дар тавсеаи саноати ҷумҳурӣ аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" бо Сипоснома қадрдонӣ шуд.

Донишҷӯи курси 3-юми факултети иқтисод ва молия Ҷаъфар Сироҷов 17.07.2019 дар Озмуни илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ "Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ дар соли 2019" бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ сазовори ҷойи 3-юм ва диплом гардид.



23 декабри соли 2019 бошад, донишҷӯёни донишгоҳ Рустам Алиев дар соҳаи техника ва Фариза Саидова дар соҳаи Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ бо ҷоизаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ қадрдонӣ шуданд.

Яке аз сарчашмаҳои асосии илмомӯзии донишҷуёну олимон, - гуфт маърӯзачӣ, - ин китобхонаи донишгоҳ маҳсуб меёбад. Дар соли 2019 кормандони китобхона ба 5220 донишҷӯ, 78 магистр, 4 докторанти PhD ва 248 устодон дар шуъбаҳои анъанавии китобхона хизмат расониданд. Дар давоми сол ба фонди китобхонаи донишгоҳ 7139 адад адабиёт ворид гардид, ки ин нишондод нисбат ба соли 2018 1389 адад зиёд аст.

Баланд бардоштани касбияти омӯзгорон, ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорону кормандон яке аз самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани дараҷаи касбияти кормандону омӯзгорон ба ҳисоб рафта, донишгоҳ аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода мебарад.

Дар доираи ҳамкориҳо бо ташкилоти куриёгии WTIT-T "Интиқоли технологияҳои иттилоотии умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон" дар маркази технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Тоҷикистону Корея бо ҷалби мутахассиси варзидаи соҳаи барномасозӣ профессори Донишгоҳи илм ва технологияи Даеҷун ҷаноби ЧО Хиюн Ҷун, ки айни замон ҳамчун директори генералии ширкати "Expert Builder" фаъолият дорад, аз санаи 12-уми июн то 29-уми июни соли 2019 курсҳои махсуси барномасозӣ оид ба омӯзиши асосҳои HTML, Java Script ва PHP-ро ташкил ва баргузор намуд. Курси мазкур ройгон буда, шунавандагони он соҳиби сертификат гардиданад.

Автоматикунонии раванди идоракунии донишгоҳ ва ҷараёни таълим яке аз масъалаҳои муҳими татбиқи "Ҳукумати электронӣ" дар донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2019 автоматикунонии раванди таълим идома дода шуда, модули таҳсилоти фосилавии факултети таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона ба намуди сайт www.fosilavi.tut.tj таҳия гардида, мавриди истифода қарор дода шуд. Барномаи мазкур имконият медиҳад, ки маводҳои таълимӣ аз рӯи ҳамаи фанҳо мувофиқи барномаи таълимӣ ба ҳамаи донишҷуёни таҳсилоти фосилавии курсҳои 1-3 тариқи электронӣ дастрас гардида, иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯӣ ва супоридани имтиҳонҳои марҳилавӣ фосилавӣ иҷро карда шаванд.

Бо мақсади васеъ намудани татбиқи "Ҳукумати электронӣ" дар соли ҳисоботӣ барномаи автоматикунонидашудаи коргузории идоравии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (www.unidoc.tut.tj) барои сохтори идоракунии донишгоҳ тарҳрезӣ ва таҳия карда шуда, ба истифода дода шуд. Барномаи мазкур имконият медиҳад, ки иҷроиши мактубу дархостҳои аз мақомтотҳои болоӣ ба донишгоҳ воридшуда ба таври автоматӣ назорат карда шавад. Инчунин, барнома имконият медиҳад, ки роҳбарияти донишгоҳ супоришҳоро ба зерсохторҳо тариқи электронӣ ба роҳ монда, рафти иҷроиши онҳоро ба таври автоматӣ назорат намоянд.

ДТТ дар бобати рушди ҳамкориҳои судманди соҳаи маориф бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои узви ИДМ, ЕвроАзЭС, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва дигарҳо як қатор корҳоро ба сомон расонида истодааст.

Алҳол онишгоҳ бо зиёда аз 91 макотиби олӣ ва марказҳои таълимии кишварҳои Аврупо, Осиё, ИМА ва ИДМ шартнома ва созишномаҳои ҳамкориро ба имзо расонидааст.

Мақсади асосии созишнома ва шартномаҳо тайёр намудани мутахассисиони баландихтисоси рақобатпазир, такмили ихтисос ва маҳорати касбӣ, тайёр намудани кормандони илмӣ дар асоси аспирантура ва докторантура, мубодилаи афкор оиди адабиёти таълимӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки дар соли 2019 донишгоҳ дар амалӣ намудани 4-лоиҳаи Барномаи ЭРАСМУС+ Иттиҳоди Аврупо, лоиҳаи "Рушди таҳсилоти олӣ", лоиҳаи "Маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос дар Осиёи Марказӣ"-и Созмони ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ), лоиҳаҳои Ташкилоти Кореягии WTIT "Интиқоли технологияҳои коммуникатсионии глобалӣ", Маркази байналмилалии тиҷорати (ITC), Маркази таълимии Конфутсия фаъолона иштирок намудааст, ки амалишавии бештари онҳо дар солҳои оянда низ идома доранд.

Департаменти корҳои тарбиявӣ ҳамчун ҷузъи таркибӣ мақсад ва вазифаи таълимгоҳро дар тарбия ва тайёр намудани мутахассисони арзанда, рақобатпазир ва ҷавобгӯи талаботи замона дониста, ба масъалаи иҷрои Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" диққати ҷиддӣ медиҳад. Ин мавзӯъ дар барномаи машғулиятҳои куратории 119 куратори гурӯҳҳои академӣ ба нақша гирифта шудааст. Масъулони корҳои тарбиявӣ дар соли ҳисоботӣ бо беш аз 350 волидайн дар тамос шуда, зиёда аз 50 волидайни донишҷӯён барои суҳбат ба донишгоҳ таклиф шудаанд. Ин тадбирҳо самараи хуб дода, низоми дохилидонишгоҳиро ба танзим медарорад.

Раёсати донишгоҳ бо мақсади иҷро ва дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" нақшаи чорабиниҳоро дар ин самт тасдиқ намуда аз рӯи он фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Дар соли ҳисоботӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судяҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияи Фирдавсӣ, кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ зиёда аз 23 вохӯриҳо ташкил карда шудааст, ки яке аз мавзӯъҳои суҳбат атрофи иҷро ва дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" буд.

Аъзоёни ансамбли "Зуҳал" шурӯъ аз моҳи январи соли 2019 дар асоси дастуру супоришҳои мақомотҳои болоӣ, бахшида ба Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва нақша-чорабиниҳои Департаменти корҳои тарбиявӣ, зиёда аз 25 чорабинии фарҳангӣ - фароғатиро дар сатҳи баланд доир намуданд

Шоистаи зикр аст, ки дар аксари чорабиниҳои фарҳангии донишгоҳ дастаи "Чамани маърифат"-и Литсейи инноватсионии "Душанбе" ширкат меварзанд.

Баҳри баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихори ватандории донишҷӯён соли 2019 зиёда аз 25 вохӯриҳо, конференсияҳо, семинарҳо, ҳамоишҳо ва озмунҳо гузаронида шуданд.

Дар маҷмӯъ дар соли 2019 аз ҷониби масъулони корҳои тарбиявии ДТТ зиёда аз 214 чорабиниҳо, вохӯриҳо ва семинарҳо баргузор карда шуданд.

Ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ба ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон барои меҳнати софдилона баҳри рушди донишгоҳ изҳори миннатдорӣ намуда, эшонро бо Соли нави мелодӣ самимона табрику муборакбод гуфта, барояшон тансиҳатию хонаободӣ ва дар корҳои илмию омӯзгориашон барору комёбиҳо орзу намуд ва дар хотимаи суханаш таъкид намуд, ки камбудиҳои ҷойдоштаи соли сипаришаванда ва вазифаҳои барои соли 2020 гузошташуда ҳар яки моро водор месозанд, ки кору фаъолиятамонро дар сатҳи боз ҳам баландтар ба роҳ монда, обрӯю нуфузи донишгоҳро дар сатҳи натанҳо мактабҳои олии пешрафтаи кишвар, балки берун аз он баланд бардорем.

Бо такя ба шароитҳои мавҷудаи имрӯза, иқтидори кадрии донишгоҳ ва корҳои навовариюу ихтироъкории устодону донишҷӯён,- гуфт ӯ итминони комил дорам, ки мову шумо дар амалӣ гардонидани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки баҳри рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маориф ва илми ватанӣ пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд, инчунин дар татбиқи дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун зиёиёни пешқадаму ташаббускор нақши муассир гузошта метавонем.

***Р. Шарифзода***

# СОЛИ НАВ - 2020: ДАР СОЛИ КАБИСА АЗ МУШИ САФЕД ҶИРО МЕТАВОН ИНТИЗОР ШУД

**Соли муш, ки бо оғози Соли нави 2020 фаро мерасад ба онҳое, ки меҳнати сидқан мекунанд, дастоварду комёбиҳо пешгӯӣ мекунад**

Дар Соли нави 2020 инсоният ба давраи нави таърихӣ қадам мегузорад. Дар асоси тақвими шарқӣ муши сафед ба даври мучал, ки 12 солро ташкил медиҳад оғоз мебахшад. Имсол аз рӯи ҳисоби мучал соли хук аст, ва соли фарорасанда муш мебошад.

Дар умум мегӯянд, ки рушду тамаддуни дунё вобаста аз он аст, ки чӣ гуна соли муш, ҳамчун ифтитоҳгари даври нави мучал оғоз меёбад.

Моро чун ҳамешагӣ ҳисси кунҷковиамон фаро мегирад, то бидонем дар соли 2020, яъне соли муш моро чи интизор аст.

**Соли 2020 бо муши сафед меояд**

Муш аввалин ҷонвар дар толеъномаи чинӣ (хитоӣ) мебошад. Махсусан он аз миёни ҷонварони толеънома дорои эҳтироми махсус ҳисобида мешавад. Рамзи соли дар пешистода - муши сафед - соҳиби заковат ва ҳисси баланд дониста мешавад.

Мушҳо аслан зираку доно ва хушёр мебошанд ва ҳамчунин дорои тактикаю стратегияи махсус дар олами худ мебошанд.

Бояд гуфт, ки соли муш ва соли нави 2020 мувофиқи тақвими чинӣ на 1-уми январ балки 25 январ фаро мерасад ва то 11-уми феврали соли 2021 идома мекунад.

Рамзи соли 2020 ин металл ва ранги сафед дар симои муш аст. Металл маводи сахт ва инъикосгари матонату устуворӣ, пуркувватию тобоварӣ ва сахтӣ мебошад. Ранги сафед бошад, рамзи покию доногӣ, ҳақиқату некукорӣ мебошад. Вобаста аз ин чунин муш метавонад бо ноадолатӣ ва сахтиҳои зиндагӣ мубориза барад.

Ба ин хотир рамзи соли 2020, яъне муши сафед ба онҳое, ки аз тахти дил меҳнат мекунанд ва аз покию некукорӣ истифода мебаранд муваффақияту комёбиҳо меорад. Ҳамчунин онҳое, ки бо роҳҳои нопок соҳиби чизе шаванд ба мақсадашон намерасанд.



**Ҷиро аз соли 2020 интизор шудан мумкин**

Толеъномаи чинӣ пешгӯӣ мекунад, ки боҳамоии соли муш ва метал ба ашхоси аз тахти дил меҳнат мекардагӣ комёбӣ меорад.

Онҳое, ки мехоҳанд доро шаванд ва дар ҷомеа ҷои намоёно ишғол кунанд, агар кӯшиш кунанд муваффақ мегарданд.

Ҳамчунин рамзи мушу метал дар ин сол сабаб мегардад, ки одамон дурбин ва пуртоқат бошанд.

Мушҳо дорои хотираи бисёр қавӣ мебошанд ва хурдтарин ҳолатро метавонанд дар худ сабт карда дар мавриди лозима ба кор баранд.

Он дар ҳама ҳолат дорои энергияи хос буда, дар як вақт чанд корро метавонад иҷро намояд.

Мушҳоро чизе омӯзонидан ва ё бо чизе бовар кунонидан бисёр мушкил ва ҳатто дар бисёр ҳолат номумкин аст. Муш дар ҳама ҳолат нуқтаи назари худро дорад ва аз маҳорату малака ва зиракии худ истифода мебарад. Ҳамчунин мушҳо бисёр худхоҳ (эгоизм) мебошанд.

То ҷое ки муши сафед рамзи ишқу муҳаббат ва диққат аст дар соли 2020 муносибатҳои наздикро бояд дар заминаи садоқату боварӣ асос бахшид. Инчунин мушҳо дӯст намедоранд вақте ки одамон чизеро аз якдигар пинҳон мекунанд.

Бигузор садоқат ва вафо барои инсонҳо дар Соли нав дар ҷои аввал ва доимӣ бошад. Аммо то ҷое, ки табиати метал хунук аст ва атрофиёнро сард мекунад, муносибатҳои ошиқона оҳиста-оҳиста ба ҳаракат медароянд.

Дар соли 2020 хурсандиовар он аст, ки одамон кам ба касалиҳо гирифтор мешаванд ва саломатияшон хуб боқӣ мемонад. Коршиносон тавсия медиҳанд, ки дар ин сол бояд фаъол буд, ба варзиш машғул шуд аз маконҳои истироҳат бештар берун шудан лозим.

**Чӣ хел Соли нав-2020-ро бояд пешвоз гирифт**

Новобаста аз он, ки муш ҳама чизро ба хонааш кашида мебарад, аммо дар хонааш бенизомиро хуш надорад. Ҳамеша тартиботро дар хонааш нигоҳ медорад, чизҳои қимматбаҳоро нигоҳ дошта, нолозимҳоро берун мекунад.

Ҳатто барои муш ҳам тоза ва ба тартибот даровардани хона дар Соли нав дар ҷойи аввал аст. Барои ҳамин Соли навро бояд бо тартиботу тозагӣ дар хона пешвоз гирифт. Ҳамчунин тирезаҳоро, ки ба воситаи онҳо рушноӣ вориди хона мегардад, бояд тоза кард.

То ҷое, ки мушҳо хонаҳои худро дӯст медоранд, беҳтар аст Соли нави 2020-ро дар хона пешвоз гирифт. Аммо аз тарафи дигар мушҳо маҳзунию ғамгиниро дӯст намедоранд ва барои онҳо шӯру ғавғо завқовартар аст.

Вобаста ба рангҳо барои таҷлили Соли нав бояд қайд кард, ки рамзи ин сол, яъне муши сафед бештар рангҳои бур, сафед ва сиёҳро дӯст медорад. Аз рӯи ин рангҳо метавон бо истифода аз матоъҳо гулкориҳои солинавӣ офарид.

Ҳамчунин барои орою торо метавонанд нақшу нигорҳои металию нуқрагӣ истифода шаванд.

Хӯришҳои солинавӣ метавонанд гуногун бошанд ва ҳар халқу миллат аз рӯи урфу одати худ дастархон меороянд. Муҳим он ки дастархон пур ва дорои ғизоҳои калориядор бошад.

Чун муши сафед панирро нағз мебинад будани панир дар дастурхон бисёр ба маврид аст.

**Соли кабиса - 2020**

Соли нави дар пешистода соли кабиса мебошад, яъне дар тақвими сол 1 рӯз зиёд шуда ба 366 рӯз баробар мешавад. Яъне дар соли кабиса феврал 29 рӯз мебошад, ки ин воқеа дар 4 сол як маротиба рух медиҳад. Ҳамин тариқ, шахсоне, ки дар ин рӯз таваллуд мешаванд маҷбуранд дар 4 сол як маротиба мавлуди худро ҷашн бигиранд.

Ба ақидаи ситорашиносон дар соли кабиса воқеаҳое рух медиҳанд, ки ҳеҷ кас интизорашон нест.

Аммо набояд воқеаҳои манфиро интизор шуд, баракс метавон интизори хубиҳо шуд. Муҳим он, ки дар ин сол бояд одамон дар ҳама ҳолат фаъол ва чусту чолок бошанд.

Ҳамчунин, ситорашиносон бар онанд, ки соли 2020 барои ақди никоҳ бастан ва фарзанд ба дунё овардан бисёр мувофиқ мебошад.

*ҲАМОИШИ МАЪРИФАТӢ-ТАРБИЯВӢ*

## РУШДИ МАЪНАВИЁТ - ОМИЛИ СОЛИМИИ ФАРД ВА ҶОМЕА

**Тибқи дастуру супоришҳои Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва нақшаи кории Мақомти иҷроияи Ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамоиши маърифатӣ-тарбиявӣ таҳти унвони "Рушди маънавиёт омили солимии фард ва ҷомеа" баргузор гардид.**




Дар ҳамоиш муовини Раиси шаҳри Душанбе Муинзода М.М., ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Амонзода И.Т., сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати шаҳри Душанбе Шарипова Н., сардори шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими шаҳри Душанбе Норасов, сардори Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе Шарифзода Хушбахт ва ҳайати устодону донишҷӯёни донишгоҳ фаъолона иштирок доштанд.

Дар ҳамоиши мазкур аз ҷониби меҳмонон вобаста ба масъалаҳои мубрами ҷомеа ба монанди гигиенаи шахсӣ, бемориҳои сироятӣ ВНМО/БПНМО, маслиҳатҳои муфид оид ба пешгирии бемории сил дар байни занон, фарҳанги шаҳрдорӣ ва шаҳрнишинӣ, ободу зебо нигоҳ доштани макони зист ва таҳсил, баланд бардоштани фарҳанги либоспӯшӣ ва тақлид накардан ба фарҳанги бегона бегонапарастӣ, худдорӣ намудан аз омилҳои исрофкорӣ паёмадҳои зиёнбор ва роҳҳои пешгирии он, инчунин доир ба моҳият ва муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", зӯроварӣ дар оила ва пешгирии он маълумоти аниқу дақиқ бахри ҳозирин дода шуд.

Дар қисми мусиқирот донишҷӯён доир ба масъалаҳои баррасигардида ибрози андеша карда, ба саволҳои худ посухҳои мушаххас ва маслиҳатҳои муфид гирифтанд.

Дар фарҷоми ҷорабинӣ ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур бори дигар меҳмононро хайрамақдам гуфта, миннатдории ҳайати устодону донишҷӯёни донишгоҳро ба раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати таваҷҷуҳ намудан ба масъалаҳои мубрами рӯз ва сари вақт пешгирӣ кардани онҳо миёни ҷавонон бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар симои гурӯҳи корӣ иброз намуда, маънавиёт омили асосии солимии фард ва ҷомеа маънидод кард.

*Н. Ҳусейнов,*
*мудири шуъбаи тарбия*

*МИЗИ МУДАВВАР*

## ИНТИХОБИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ

13-уми декабри соли 2019 бо ибтикори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе дар донишгоҳ мизи мудаввар дар самти интихоби тарзи ҳаёти солими ҷавонон бо иштироки мудири бахши варзиши Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Турсунзода Раҷабалӣ, намояндаи Вазорати тандурустӣ Робия Раҳмонова, намояндагони ташкилоти ҷамъияти "Ҳамсол ба ҳамсол" ва ҳайати кормандону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши донишгоҳ Маҳмадалӣ Шеров мизи мудавварро ифтитоҳ намуда, суханро ба мудири бахши варзиши Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Турсунзода Раҷабалӣ во гузошт. Мавсуф бо далелҳои муътамад ва мушаххас оид ба вабои аср - ВНМО/БПНМО ва нашъамандӣ суханронӣ намуда, фикру андешаҳояшро доир ба роҳҳои пешгирии ин бемориҳо, интихоби дурусти тарзи ҳаёти солим ва пайваста ба варзиш машғул гардидани ҷавонон баён кард.



Намояндаи Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ Робия Раҳмонова низ оид ба бемориҳои сироятӣ, хатар ва оқибатҳои ногувори онҳо аз нуқтаи назари тандурустӣ ҳарф зада, иброз дошт, ки одитарин омили пешгирии бемориҳо ин риояи қоидаҳои гигиенаю санитарӣ мебошад.

Инчунин дар доираи мизи мудаввар намояндагони ташкилоти ҷамъиятии "Ҳамсол ба ҳамсол" тренинги омӯзишӣ гузаронида, ба ғолибон тӯҳфаҳо тақдим намуданд.

Дар фарҷоми мизи мудаввар роҳбари Шӯрои донишҷӯён Ш. Алимардонов бо маърӯзаи пурмазмун баромад намуд.

Пас аз анҷоми мизи мудаввар ҷиҳати пешгирӣ ва огоҳ намудани аҳолӣ аз омилҳои номатлуб донишҷӯёни донишгоҳ аксияи тарғиботӣ гузаронидан.

*Шеров М.Н.,*
*мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш*

## ҲИФЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Эҳтиром ва пос доштани арзишҳои миллӣ барои ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст фарз аст. Арзишҳои миллӣ барои мардуми шарифи Тоҷикистон муқаддас аст. Чунки ҳар яки онҳо нишондиҳандаи асолати баланди ватандорист ва бидуни арзишҳои миллӣ ҳеҷ халқият худ миллат буда наметавонад. Яке аз арзишҳои миллиамон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, кафолати баланди амалкунандаро дорост ва ҳар фарди ҷомеа зери ин бахтномаи давлат дар амну субот зиндагӣ менамояд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: "Сатҳи донишу маърифати мардум, хусусан наврасону ҷавонро баланд бардоштан, ҳисси ифтихори миллии наслҳоро бедор сохтан ва дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ асолат ва арзишҳои миллиро ҳифз кардан, рисолати ҳар як зиёии ватандӯст ба шумор меравад."

Воқеан таърихи гузашта собит месозад, ки дар ҷаҳони бесару сомонию бедавлатиҳо набудани ҳокимияти сиёсӣ давлатдорӣ нишонаи надоштани волоияти амалкунандаи конститутсионӣ буда, бахри густариши амну субот кишвар ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони он кафолати баланд дорад. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии кишвар раванди конститутсионӣ амал карда робитаю ҳамкориҳои кишварҳои мустақил зиёд гардид, ки ин ҳам як шохаи амалкунандаи конститутсионӣ арзёбӣ мегардад. Бояд ёдовар шуд, ки раванди қонунгузории кишвар ба шаҳрвандон имконият додааст, то озодона кору зиндагонии босубот намоянд ва дар доираи қонунгузорӣ амал кунанд.

*Мунаввара Наҷмудинова,*
*корманди китобхонаи илмӣ*

*Ба ифтихори 5500-солагии Саразми бостонӣ*

# Саразм - нишоне аз таърих ва тамаддуни тоҷикон

Саразм, нишоне аз таърихи тамаддуни тоҷикон, маркази маданияти баланди ҳунармандӣ ва шаҳрсозию шаҳрдории тоҷикон, макон ва мактаби кулолгарон, чеварон, наққошон, кандакорон, мисгарон ва дигар ҳунарҳо…

Солҳои зиёд аст, ки ин шаҳри бостонӣ таваҷҷуҳи сайёҳони кишварҳои оламро ба худ ҷалб намудааст. Дар натиҷаи кофтуковҳо ва таҳқиқи амиқи бостоншиносони хориҷию ватанӣ ва бозёфти шумораи зиёди асбобҳои ҳунармандӣ маълум гардид, ки дар ин ҷо ҳунари кандакорӣ, кулолгарӣ, ҳайкалсозӣ, оҳангарӣ, бофандагӣ, заргарӣ ва ғайра хеле ривоҷу равнақ ёфта будааст.

Аслан мардуми тоҷик аз давраҳои хеле қадим соҳиби тамаддун ва фарҳангу маданияти ғанӣ буд. Ёдгориҳои қадимаи Тоҷикистони азизамон бозгӯ ва татбиқи суханҳои дар боло овардашуда мебошад.

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои 2019 - 2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" барои сайёҳони олам ба кишвари биҳиштосои мо роҳи васеъ кушод, ки имрӯз аз тамоми гӯшаву канори олам сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон омада аз дидани ёдгориҳои таърихии кишвар ба монанди шаҳри бостонии Саразм, Кӯли Сарез, кӯҳҳои осмонбӯси Бадахшон, қалъаи Хулбук, кӯҳи Чилдухтарон ва дигар мавзеъҳои таърихӣ ангушти ҳайрат мегазанд.

31-уми июли соли 2010 бо пешниҳоди Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳри қадимаи Саразм аз ҷониби ЮНЕСКО ба феҳристи мероси фарҳангии умумибашарӣ ворид гардид, ки ин иқдом гувоҳи фарҳангсолорӣ ва таваҷҷуҳи хос доштани Пешвои муаззами миллат ба таъриху маданияти халқамон мебошад.

Харобаҳои Панҷакенти қадим, хусусан Саразм бо бозёфтҳои нодиртарин, деворнигораҳо, нақшҳои болои зарфҳои сафолӣ наққошишуда, катибаҳо, расмҳои паҳлавонон ҳангоми муҳорибаҳо ва дигар намунаҳои осори қадима дошта аз шаҳодат медиҳанд, ки Саразм як шаҳри бисёр обод ва дорои маданияти баланди ҳунармандӣ ва шаҳрдорӣ будааст.

Дар Муассисаи давлатии Осорхонаи ҷумҳуриявии таъриху кишваршиносии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии шаҳри Панҷакент толори Саразм кушода шудааст, ки дар ин толор ҳама он бозёфтҳои нодир, ки аз ин шаҳри куҳанбунёд ёфт шудаанд, ба маърази тамошои меҳмонон ва сайёҳони хориҷӣ гузошта шудаанд.

Аз вайронаҳои ин шаҳр дар баробари пайдо намудани хумҳову сафолпораҳо, расму нигораҳо инчунин як сокини ҳамин русто табари биринҷие меёбад, ки ин аз бозёфтҳои нодири ин шаҳри куҳан буда аз маданияти баланди ҳунармандии сокинони Саразм дарак медиҳад.

Нигораҳо ва бозёфтҳои ин шаҳри бостонӣ ҳанӯз солҳои Шӯравӣ таваҷҷуҳи олимону бостоншиносони Маскаву Санкт-Петербург (он замон Ленинград)-ро ба худ ҷалб карда буд. Он замон баъд аз таҳқиқоту омӯзиши ҳафриётҳои Панҷакент, хусусан дар бораи Саразм ҳамчун шаҳри қадимаи таърихӣ олимони рус мақолаҳои зиёде дар рӯзномаву маҷаллаҳо дарҷ намуда, аз таърихи бисёр қадим доштани он хабар дода буданд. Як олими рус баъди таҳқиқотҳои зиёд гузаронидан дар Саразм навишта буд, ки: "Кас ин ҷо вориди дунёи дигар мешавад. Ба муддате зиндагии сангини берунро аз ёд мебарад". Ӯ пеш аз вафоташ васият карда буд, ки ӯро пас аз марг дар ҳамин харобаҳои Саразм ба хок супоранд. Гӯри ӯ имрӯз дар як гӯшаи шаҳри қадимаи Саразм боқист.



Солҳои 80-уми асри XX Саразм дар олам машҳур гашта буд. Аз Фаронсаву Амрико, Эрону Афғонистон ва дигар давлатҳо бостоншиносон ба ин ҷо омада, таҳқиқот мегузарониданд, рисолаҳои илмӣ таълиф менамуданд, ҳар сангу сафолпораи аз ин ҷо пайдо кардаро бисёр дақиқона ва аз назари илмӣ омӯхта хулосаҳо мебароварданд.

Ёдгориҳои Саразм гувоҳи таърихи тамаддуни куҳан доштани халқи тоҷик ва беш аз 5500 сол пеш ҳамчун калонтарин шаҳри ҳунармандон на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна арзи вуҷуд доштанаш аз ҷониби бостоншиносони Фаронса, Олмон ва Россия бо далелҳои мӯътамад исбот шудааст.

Бо пешниҳоди Пешвои муаззами миллат ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2020 дар шаҳри бостонии Панҷакент 5500-солагии Саразм бо иштироки меҳмонон аз хориҷи кишвар, олимон, пажӯҳишгарон ва бостоншиносони давлатҳои Фаронса, Россия, Амрико, Олмон, Эрон ва дигар намояндагони кишварҳои ҳамсоя бо шукӯҳ ва дар сатҳи баланд таҷлил мегардад.

Ба ин муносибат имрӯзҳо дар Саразми бостонӣ барои дар сатҳи баланди омодагӣ ҷашн гирифтани 5500-солагии ин шаҳри таърихӣ корҳои ободонию созандагӣ дар арафаи анҷомёбист. Ёдгории Саразми бостонӣ ҳамчун маркази тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии мардуми куҳанбунёди тоҷик маҳсуб меёбад, Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ин ёдгории таърихиро ҳифз намоем, обод гардонем ва ба он ҳамчун як ҷузъи таърихи сарнавишти миллати куҳанбунёдамон муносибат намоем. Зеро ҳифз ва нигоҳдошти ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ин қарзи мо дар назди таърих ва наслҳои оянда мебошад.

*С. Раҷабова*

# Коррупсия - зуҳуроти номатлуби ҷомеа

**Тибқи нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба "Рӯзи байналмилалии мубориза бо коррупсия" мизи мудаввар дар мавзӯи "Коррупсия - зуҳуроти номатлуби ҷомеа" бо донишҷӯён ва ҳайати кормандон гузаронида шуд.**



Нахуст муовини ректор оид ба тарбия Юсупова З.Р. ҳайати иштирокдоронро хайрамақдам гуфта, ба таври мухтасар оид ба ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа ва таъсири манфии он ба иқтисодиёти кишвар суханронӣ намуд.

Сипас, муовини декани факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ оид ба тарбия Ассомуддини А. дар мавзӯи "Таърихи пайдоиши коррупсия дар ҷомеа", муовини декани факултети технология ва дизайн оид ба тарбия Шарипова Л. дар мавзӯи "Коррупсия зуҳуроти номатлуби аср", муовини декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ оид ба тарбия Салоҳов Н. дар мавзӯи "Муқовимат бо коррупсия дар шароити ҷаҳонишавӣ", донишҷӯи факултети технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ Ҷалилзода Б. маърӯзаҳои пурмазмун намуданд.

Дар қисмати музокирот роҳбари Шӯрои донишҷӯёни Донишгоҳ Ш. Алимардонов доир ба ин падидаи номатлуб ибрози андеша намуда, донишҷӯёнро ба илмомӯзӣ, ватандӯстӣ, ростқавливу худогоҳӣ ва даст назадан ба амалҳои номатлуби коррупсионӣ даъват намуд.

# НАҚШИ ЗАНОН ДАР ПЕШГИРИИ АМАЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ

Коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа, дар ҳама қишрҳои давлатдории давлатҳои ҷаҳон реша давонда, имрӯз бо тарзу усулҳои наву гуногун чун захрпечак монеаи ҷиддие дар роҳи инкишофи рушди давлатдорӣ ва ҷомеа ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки: "Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем"

Бо мақсади пешгирӣ аз амалҳои коррупсионӣ ва фасод бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2005 тахти № 53 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" қабул гардид.

Ба амалҳои коррупсионӣ бештар он ашхосе даст мезананд, ки соҳиби вазифа ё мансаб мебошанд. Сӯйистифода аз мансаб ва вазифаи худ ба манфиати шахсии хеш ришва меситонанд, ки ин амал оқибати нек ба бор намеорад. Аслан "коррупсия" аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои ришваситонӣ ва худфурӯширо дорад.

Ришваю ришваситонӣ дар муқаддасоти дини мубини ислом низ маҳкум шудааст. Он дар оятҳои Қуръон (ояти 188 сураи Бақара, ояти 42 сураи Моида ва ҳадисҳои пайғамбар) маҳкум ва ҳамчун воситаи заифгардонии маънавии инсон пиндошта шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон занон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа эътироф шуда, баробари мардон дар ҳама сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ фаъолияти назаррас доранд. Аслан зани тоҷик ҳамчун модари меҳрубону мушфиқ, поктинату поксиришт, тарбиятгар ва роҳнамои роҳи росту кирдори нек на танҳо барои фарзандон, балки дар тарбияи ахлоқии мардон ва умуман ҷомеа нақши созанда доранд. Бо он муҳаббат ва самимияте, ки ба аҳли хонадони хеш дорад, шавҳар (агар мансабдор бошад) ва фарзандони хешро ҳамеша таъкид месозад, ки даст ба қонуншиканӣ назананд. Бештар дар тарбияи ахлоқии аҳли оила ва ҷомеа модарони мо як сухани бисёр маъмул: "Ними нон роҳати ҷон"-ро ба он мақсад таъкид месозанд, ки нафси худро нигоҳ доред, "даҳ ангушт ба даҳон натиқонед, ки даҳонатон надарад". Ин пандҳои модарон беҳикмат нестанд. Ҳушдореанд баҳри шикастанафсии фарзандон ва аҳли ҷомеа. Андак кирдори номатлуб аз ҷониби шавҳар ё фарзанд модарро сахт ғамгин месозад. Барои рӯшанӣ андохтан ба садоқати модар ба давлату ҳукумат бо зане ҳамсуҳбат шудам, ки солҳои зиёдест фарзандаш соҳибмансаб аст. Аз ӯ пурсидам, ки: "Фарзандат соҳиби вазифаи калон асту чаро бароят либосҳои қимату зебо намехарад, куҷое, ки равӣ бо нақлиёти мусофирбар меравӣ, ҳол он ки фарзандат дар ихтиёр чанд мошини хизматӣ ва шахсӣ дорад. Намешавад, ки дар сояи давлати писарат роҳат карда гардӣ". Ӯ дар ҷавоб хандида ба ман гуфт: "Рост, фарзанди ман барои ман ҳарҷӣ дилам хоҳад муҳайё мекунад, вале ман инро намехоҳам. Ман намехоҳам, ки маро савори мошинҳои дакаданг дида, бо ангушт ишора карда: "Ана модари фалонӣ омад" гӯянд. Ҳеҷ гоҳ ин корро намекунам ва фарзандамро ҳам намегузорам, ки аз мансабаш сӯйистифода кунад. Ана ҳамин панди модаронаи ман аст, ки писари ман бо поквиҷдонию ростқавлиаш аз зинаҳои аввали фаъолияташ дар корҳои давлатӣ то ба мақому мартабаи баланд расид. Дар ҳар нафасу ҳар қадам шукри давлати серу пурамон мекунам, ки барои мо ҳама имкониятҳои маиширо фароҳам овардаст. Ба болои ин ҳама некиҳову ғамхориҳо боз аз мансаб вазифаи писарам истифода барам ношукрӣ ва кӯрнамакӣ нисбати ин давлату роҳбари ғамхору меҳрубони мо мешавад".

Зани тоҷик аз қадимулайём ҳамчун зани бомаърифату зиндагиоро, модари дилсӯзу ёри вафодор, гармии хонадон ва тарбиятгари беҳтарин шинохтаву машҳури олам гаштааст. Аз ин рӯ, мо модаронро мебояд, дар тарбияи фарзандону наздикони хеш масъулияти бештар дошта бошем, нагузорем, ки онҳо ба ин зуҳуроти номатлуб даст зада худро назди хешону пайвандон сархаму шармсор гардонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нисбат ба занони давлатҳои ҷаҳон, ки ба кирдорҳои коррупсионӣ даст мезананд, миёни занони кишвари мо ин амали ношоиста кам дида мешавад.

Ин хуб аст, вале ҳар яки мо бояд ба он кӯшиш намоем, ки ин зуҳуроти номатлубро аз беху бунаш решакан намоем ва кишвари азизамонро бо меҳнати ҳалолу шоиста боз ҳам ободтару зеботар гардонем.

Имрӯз дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 23 нафар занону бонувони тоҷик, соҳиби донишу малакаи хуби касбӣ, дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби ашхоси алоҳида бо дасту дили пок адои вазифа намуда, манфиатҳои давлатро аз манфиатҳои шахсӣ боло дониста, бахри ошкор ва рафъ намудани ин падидаи номатлуб тамоми чораҳоро дида истодаанд.



*С. Раҷабова, мудири бахши кор бо занон ва духтарони ДТТ*

# ҲАМКОРӢ БА ХОТИРИ ФАРДОИ ДУРАХШОН

Боиси сарфарозӣ ва хушнудист, ки бо соҳиб гардидани истиқлолият Тоҷикистони азизи мо, дар арсаи ҷаҳон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд шинохта шуд ва он дар ҳама соҳаҳо босуръат рушд карда истодааст. Исботи суханҳоро ҳар як фарди соҳибақли ҷомеа дар ҷодаҳои гуногун дарк карда истодаанд. Тасаввур намоед, як ҷавони 28 - сола дар тӯли ҳаёти худ чӣ фаъолияте намудааст ва ба чӣ муваффақият соҳиб гардидааст, ин аст умқи мантиқ ва фалсафаи исботи сухан.

Кушода шудани ВАК (высшие аттестатционного комиссия- комиссияи аттестатсионии олӣ) дар назди донишгоҳҳою донишкадаҳои кишвар иқдоми некест барои олимон дар ҷодаи илмҳои гуногун. Боиси хушнудист, ки дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ чунин Шӯрои диссертатсионӣ таҳти №6D. КАО - 039 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисосҳои: 1) 6D072400 - мошинҳо ва таҷҳизоти технологӣ (тибқи соҳаҳо); 2) 6D072700 - технологияи маҳсулоти хӯрокворӣ (аз рӯйи соҳаҳои корбурд); 3) 6D073300 - технология ва тарроҳии маводи нассоҷӣ созмон дода шуд. Инчунин, мутобиқи банди 163, боби 10 - и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, диссертатсияҳо барои ҳимоя оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ, яъне номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои: 1) 05.18.12 - равандҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрокворӣ; 2) 05.18.01 - технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лубиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ; 3) 05.18.06 - технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётӯ ороишӣ; 4) 05.19.01 - маводшиносии истеҳсоли саноати нассоҷӣ ва сабук; 5) 05.19.02 - технология ва коркарди аввалияи мавод ва ашёи хоми нассоҷӣ, иҷозат дода шуд. Тибқи Фармоиши КОА ҶТ таҳти №6 аз 29 январи соли 2018 ва Қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз 29 январи соли 2018 (суратҷаласаи №5) шӯро дар ҳайати раис, муовини раис, котиб ва аъзоён тасдиқ гардидааст.

Муаллимони калони кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии ДДТ Бобиев О.Ғ. ва Ҷалилов Ф.Р., инчунин унвонҷӯи кафедраи технологияи коркарди наххои табиии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, Аҳрори М., дар мавзӯъҳои алоҳида рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуданд, ки ба рушди минбаъдаи соҳаҳои саноати нассоҷӣ ва сабуки кишвар мусоидат хоҳанд кард. Ба ҳайси оппоненти кори илмии олимони ҷавон, олимони Федератсияи Россия, доктори илмҳои техникӣ, профессор, мудири кафедраи технологияи нассоҷии Донишгоҳи давлатии Россия ба номи А.Н. Косигин, Ф.М. Плеханов ва доктори илмҳои техникӣ, О.И. Одинсова, ташриф оварда буданд. Мудири кафедраи технологияи масноути нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарбоқӣ Ниёзбоқиев Федор Михайлович Плехановро бахри вохӯрии судманди илмӣ миёни омӯзгорон ва донишҷӯён даъват намуд. Вохӯрӣ, ки дар бинои таълимии №4 сурат гирифт, бо сухани ифтитоҳии мудири кафедраи технологияи масноути нассоҷӣ Сафарбоқӣ Ниёзбоқиев оғоз шуд. Декани факултет Холназар Иброҳимов идомаи суханро пурмазмун намуданд ва суханро ба Ф. М. Плеханов во гузоштанд.

Фёдор Михайлович дар бораи чӣ гуна завқ ва ҳавас пайдо намудан ба касби падариаш, инчунин дараҷа ва манзалати касб дар ҷаҳони имрӯза ҳарф зада, ҳозиринро барои аз бар намудан ва дӯст доштани касб ҳидоят намуданд.

Бояд гуфт, ки ташкил ва гузаронидани чунин вохӯриҳо барои рушди касбияти олимони ҷавон ва аз худ намудани нозукиҳои касб мусоидати бештар хоҳад кард. Садорати факултет ба олимони рус барои иштирокашон дар мавриди ҳимояи рисолаҳои номзади олимони ҷавони тоҷик ва вохӯрӣ бо омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ изҳори сипос намуда, иброз доштанд, ки ҳамкориҳо байни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Россия ба номи А.Н. Косигин минбаъд низ ба роҳ монда мешаванд.

***Ҳ.Самадов, муовини декани факултети технология ва дизайн оид ба таълим***

### ХОҲ БОВАР КУНЕД, ХОҲ НЕ!

# "ТИФЛ ДАР ГАҲВОРА ГӮЁ Ӯ КУНАД"

Ҳодисае, ки аз забони Саодат - ҷавонзани соҳибмаълумот ва аз хурофот дур нақл мекунам, аз доираи ақли инсонӣ берун аст ва бо мӯъҷизоти олами малакутӣ мепайвандад.

Яқин дорам, ки барои шарҳ додани ин воқеа илми муосир оҷиз мемонад ва олимон ба ҷои ташреҳи илмӣ ин ҳодисаро ҳангомаи навбатӣ ва бофтаи хаёли нависанда эълом хоҳанд кард.

Ба ҳар ҳол ман ҳикояти Саодатро, ки чунин аст, айнан нақл мекунам ва ба воқеияти он заррае шубҳа надорам.

"-...Духтарчаи ман, ки ҳоло як солу ҳашт моҳу бисту панҷ руз дорад, талаффузи баъзе калимаҳои одии решагиро акнун ёд гирифтааст ва бо забони ширинаш дам ба дам такрор мекунад: "да-да", "о-ча", "ма-ма" /яъне,"тао-м"/, "гир", "те"/ яъне "деҳ", феъли фармоиш/, "тошук" /яъне, "қошуқ"/, "бибиш", "бобош", "тушо" / яъне "кушо"/, "апаш", "акаш", "алла". Ӯ ҳанӯз неметавонад ду вожаи алоҳидаро ба ҳам бипайвандад ва маънии тозае офарад. Масалан, ба ҷои ибораи "кулоҳ аз они ман" ӯ канда-канда "ку-ку а ман" мегӯяд.

Он рӯз ман дар ошхона машғули пухтупаз будам. Духтарчам дар хонаи дарун хоб буд. Ҳар замон хабар мегирифтам, ки мабодо дар хоб паҳлу гашта аз болои кат ба зер афтад.

Баногоҳ овози маҳинеро шунидам, ки ӯ бо садои начандон баланд, вале бо талаффузи бурро байти зерини Хоҷа Ҳофизро қироат мекард:

**Ёр мафрӯш ба дунё,**
**ки басе суд накард,**
**Он, ки Юсуф ба зари носара**
**бифрӯхта буд.**

Баробари шунидани ин садо корде, ки сабзӣ реза мекардам, аз дастам ба рӯи миз афтод. Лаҳзае лолу карахт ва мутаҳайир мондам. Ҳам ҳайрон шудам ва ҳам тарсидам, ки духтарчаи ман, ки ҳоло забон набаровардааст, чӣ гуна шеър хонд. Ин чӣ сирру асрор дорад?

Ба хона даромадам. Кӯдакам бедор шуда буду бо лӯхтакаш бозӣ мекард. Маро дида, дастаконашро ба сӯям дароз кард ва оғӯш кушод. Пас аз тарсу ҳарос ва андешаи кӯтоҳмуддат меҳри модарӣ ғолиб омаду ӯро ба даст гирифтам. Бӯсидам, бӯйидам ва бо навозиш суханҳо гуфтам. Аммо ӯ ба ҷуз " гир... алла-алла не... нинӣ те...", ки такрор ба такрор мегуфт, калимаи дигаре ба забон наовард ва ба пурсишҳои ман ҷавоб надод.

Инак, аз он рӯз чанд вақт гузашт. Кӯдакам ба монанди дигар хурдсолон як духтарчаи одист. Мувофиқи синну солаш баъзе калимаҳоро талаффуз мекунад, кӯдакона механдад, бозӣ мекунад. Дигар аз ӯ чизи фавқулода ва ғайриодие мушоҳида накардам.

Хоҷа Ҳофизро лисонулғайб меноманд, ки маъниаш " забони ғайб", "забони асрор" мебошад. Шояд он рӯз Хоҷа Ҳофиз бо забони духтарчаи Саодат аз ғайб сухан карда бошанд? Намедонам.

Намедонам, ки аз ин байт чӣ маънӣ бардорам? Оё Хоҷа Ҳофиз рӯзгори моро таъкид мекунанд, ки барои луқмае нон ё ба чанд сӯми ночиз бархе аз бародарон хоҳарро мефурӯшаду бархе аз фарзандон душмани падару модар мегарданд ва ҳама барои фоидаи худ якдигарро мефиребанд, аммо он фоида ҳеҷ ба даст намеояд. Намедонам.

Вале медонам, ки Худованди бузург қудрати беинтиҳо дорад ва барои исбот кардани бузургии Ҳазрати Юсуф тифли шашмоҳаро дар гаҳвора гӯё карда буд.

***Солиева Баҳринисо***

# Китобхона ва манфиати он

Тӯли бист сол мешавад, ки саҳаргоҳон сӯи коргоҳи азизам -Китобхонаи ДТТ бо меҳру муҳаббати зиёд қадам мезанам.

Ин макони муқаддас бароям хонаи дуюм гаштааст.

Худ низ ба китобу китобхона муҳаббати беандоза дорам. Тӯли ин солҳо бо устодону донишҷӯён ва кормандони ин даргоҳ хизмат кардам ва хушнуду хушбахтам, ки умри худро сарфи ин касб намудаам.

Китобхонаи ДТТ аз давраи фаъолияти худ дари кушода дошта, доимо хонандаи худро дорад. Бояд гуфт, ки китобхона, бо вуҷуди фаъолияти пурсамар имкониятҳои маҳдуд ҳам дошт. Яке аз ин маҳдудиятҳо ин хеле кам будани ҷойи нишаст дар толори хониш буд. Ба ин нигоҳ накарда хонандагони китобхона ниҳоят зиёд буданд. Ҳатто барои гирифтани китоб навбат меистоданд. Мунтазир мешуданд, ки ҷойи нишаст кай холӣ мегардад. Китобдорони китобхона чун имрӯз нисбати хонандагон эҳтироми зиёд доштанд. Дар навбати худ хонандагон низ нисбати китобу китобхона эҳтироми хосса доштанд. Шояд ҳама хонандагон асил буданд. Зеро бузурге мефармояд: "Ҳама гуна дурӯштию дағалӣ дастури ҳамарӯза хондани китоб ба мисли чизи болои оташ об мешавад. Яъне мутолиаи бештари китоб инсонро комил месозаду бадиҳоро аз байн мебарад." Китоб хондан аз маърифатнок будани инсон гувоҳӣ медиҳад. Вале аз чӣ бошад, ки баъди бо ҳама таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардид, шумораи хонандагони он қадре камтар шуд.

Яке аз сабабҳои кам гардидани хонандаи асили китобхонаро ҳамчун китобдор аз истифодаи бемавриди интернет ва ҷониби бархе аз ҷавонон мебинам. Ҷойи афсӯс аст, ки онҳо аз интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ на аз китобҳои электронӣ истифода мекунанд, балки ба тамошои чизҳое машғул мешаванд, ки бар зарари онҳост. Мақсад аз ин навиштаҳо он аст, ки ҷавононро ба манфиати мутолиаи китоб ҷалб намоем. Хуб мешуд, ки кураторони курсҳо дарсҳои куратории худро бо донишҷӯён дар китобхона гузаронида, аз китобу манфиати он ба донишҷӯён ҳарф мезаданд. Масалан, дарси кураторӣ доир ба китоби начибу шавқоваре баргузор гардад, меҳри илму китоб оҳиста-оҳиста дар дили хонанда завқи мутолиаро бедор месозад. Ин яке аз роҳҳоест, ки хонандаи мо манфиат мебардораду мо китобдорону омӯзгорон чароғи роҳи илму дониши онҳо мегардем.

***Раъно Лақаева, китобдори Китобхонаи ДТТ***

# ХУШБАХТЕМ, КИ ОЗОДУ БОФАРОҒАТ ЗИНДАГӢ МЕКУНЕМ

**Сулҳ баҳорест баҳор оварад,**
**Равнақу шодию барор оварад.**

Сулҳ асоси ободии ҳар кишвар ва манбаи хушбахтии ҳамаи тоифаи одамон аст. Ин аст, ҳастию поядагии сулҳ на танҳо дар ҳастии давлату миллат, балки дар ҳастии ҳар як гулу гиёҳ ва тамоми ҷисмҳои зинда қувваи олам эҳсос мешавад. Сулҳ чун офтоби рахшон, баҳори пуробуранг, табиати пур аз роз, замини муборaку пурбор, одамони мушфиқу меҳрубониҳост. Ҳақиқатан сулҳ амниятест, ки чун дар мавриди сулҳу осоиштагӣ низ давлат орому осоишта арзи ҳастӣ менамояд. Аз дарду ранҷ ва фитнаву дасисаҳо канора мегирад. Пас, сулҳу осоиштагӣ ва фароғати давлату миллат худ аз худ ба осонӣ ба даст намеояд.

Барои ба даст овардани сулҳу дӯстӣ ва ваҳдат мардуми тоҷик заҳмати зиёд кашидааст. Маҳз натиҷаи заҳматҳои зиёди мардону занони бонангу бономуси миллат буд, ки имрӯз мо бо умеду орзу дар фазои сулҳу осоиштагӣ умр ба сар мебарем. Хушбахтем, озоду бофароғат зиндагӣ мекунем, офтоби гармталъат саховатмандона ба сарамон нуру зиё, меҳру муҳаббат эҳё намуда, шодиамонро афзун мегардонад… Ҳамарӯза чун миллати сулҳхоҳу давлати тинҷу ором ҳамкориву ҳамрайъӣ намуда, дар бурду бохт ва камию костиҳои онҳо сахмгузор аст. Аксар давлатҳои дунё бо кишвари мо робитаҳои дӯстӣ доранд, ки ин натиҷаи сулҳу оромӣ аст.

***Қ.Раҳимова***



# СУБҲИ АНДЕШАИ ЗИСТАН ҲАВАС АСТ...

**Бас ҳамин рӯзу шабон гум мезанад,**
**Ин дили тангам ба ёди ту падар.**

Рӯзҳо чун оби равон мегузаранд, вале хотираҳо дар умқи қалби ҳар шахс чун нақши рӯи санг сабт мегарданд. Рафтору гуфторро аз ту омӯхтем, падар. Бо ту хандидану гиристанро, афтидану хестанро, дар пастию баландиҳои зиндагӣ низ аз ту омӯхтем, падарҷон. Ҳар гоҳ, ки ту механдидӣ, дилам аз фараҳ лабрез мегардид, дунё ба назарам бо таровати дигар ҷилвагар мешуд. Ҳар гоҳ, ки дар чашмонат ашк ва дар рухсорат маъюсиро медидам, қалбамро андӯҳи гароне фаро мегирифт, вале боз худро тасалло медодам, ки Яздони пок, иншооллоҳ туро аз бистари беморӣ сиҳату саломат мехезонад. Хотираҳо, хотираҳо падар, хаёламро ба гузашта мебарад, мағзи ҷисму ҷонамро ба ёди шумо месӯзонад, андӯҳ дар дилам нахи хешро мебофад...

Андеша мекунам, ки марги нобаҳангом нури умедамро хомӯш сохта, азизи диламро аз ман рабуда. Зиндагӣ сахтгир, вале марг аз он сахттартар будааст, падарҷон. Аз он рӯзе, ки офтоби умрат ғуруб кард, ҳар лаҳзаву ҳар соат, ба ёди рӯят, ба ёди суханҳоят, ба ёди шумо ашкам монанди борони баҳор равон аст, падарҷон. Ту насиме будӣ, дар хаёли дилангези умри мо. Туро дӯст дорам, ба андозаи ҳама меҳрубониҳоят, барои ҳама ранҷҳои бо хеш кашидаат, бо анбӯҳи дардҳои тоқатфарсое, ки дувоздаҳ сол ба онҳо тоб овардӣ, вале як бор дарди ниҳониятро ба касе ошкор насохтӣ.

Он субҳ андешаи зистан, андешае ба хонаи умеду орзуҳоят баргаштан, дар сар доштӣ, падарҷон. Вале сад афсӯс! Ин баҳори умрат хазон омад, падар. Ҳама киштаҳо, ҳама гиёҳҳо дар баҳор аз замин сар мекашанд, аммо чӣ кунам, вақте мехоҳам ин чанд сатракеро ба рӯи коғаз иншо намоям, дилам ба сӯзиш меояд, гиря гулӯгирам месозад, ки сутуни дилам, қуввату дармонам, меҳри бепоёнам, суруди ҷовидонам, падари азизу ба ҷон баробарам дар айёми сабзидану шукуфтанҳо сар ба замин гузошт... Ту рафтӣ ба сӯи хонаи охирати худ, ба сӯи абадият, вале дили пуризтиробам бо ман монд. Барои ту монанди чӯби тар месӯзам, падар. Ба сӯи коргоҳ бо дили гирён мераваму боз бо диле, ки аз рафтани ту харобу афгор гашта, ба хона бармегардам. Бармегардаму ба чеҳраи модар ва хоҳару бародаронам менигарам ва мебинам, ки баъди реҳлати ногаҳонии шумо дар сар андешаи гарон ва дар дил ғаму кулфати сӯзон доранд. Аз нигоҳҳояшон ҳасрат, аз чеҳраҳояшон андӯҳ меборад, падарҷон. Фикр мекардам, фақат духтарон ғами волидайнро дахчанду садчанд меҳӯранд, вале он субҳе, ки моро тарк кардию рафтӣ гиряву сӯзи ҷонсӯзи бародаронам аз худи даруни беморхонаи шаҳри Душанбе то ноҳияи Фархор ҷигари сӯхтаи ин духтари сарсахтатро боз ҳам бештар шикофту сӯзонд.

Аз рафтанат ҳар лаҳзаю ҳар соат дар ёдат месӯзаму чун оҳан мегудозаму об мешавам, падарҷон. Вақте ки ба деҳа меравам, аз ҳар кунҷу канори ҳавлии ободат, аз дарахтону навниҳолони боғат симои туро, садои туро ҷӯё мешавам, падар. Бо ин ҳама дили аз ғами ту афгоргаштаамро тасалло дода натавониста, ба сари турбати ту мешитобам. Мехоҳам, ки монанди гузашта, ба ҳар саволи беҷавобам, ҷавоб гардонӣ, панду насиҳатам диҳӣ, дар ҳолати маъюсӣ ғами диламро сабук созӣ, вале сад афсӯс, ки хомӯшии абадиятро ихтиёр кардаӣ, падар. Аз водии хомӯшон бо дили садчоку садпора бармегардаму шукр мекунам, ки Яздони пок маро фарзанди чунин падар гардонида.... Шукри модар, бародарону хоҳарон ва набераҳоятро мекунам.... Ҳарчанд ба ёдат падар нависаму нависам, вале андӯҳи дилам кам намешавад, тамоми пайкарам месӯзад, ҷисму ҷонам ба дард меояд, вале боз ҳам шукр мекунаму мегӯям: "Рӯҳат шод бод падарҷон!"

***Тағайгул Ҳалимова, омӯзгори синфҳои ибтидоии Литсеи инноватсионии "Душанбе"***

# АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ КИТОБ АСТ!

## (хониши берун аз синфӣ)

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин бобат ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешавад.

Аз тарафи омӯзгорони зинаи ибтидоии Литсейи инноватсионии "Душанбе" ба сифати мазмуну самарабахшии фанни забони модарӣ дар ҷараёни таълим кӯшишу заҳмати зиёд зоҳир мегардад.

Забони модарӣ дар байни фанҳои таълимии зинаи ибтидоӣ мақоми махсус дошта, вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Аз ҷумла хонандагонро ба малакаҳои муомилаю муошırати зарурӣ, омӯхтани фанҳои дигар дар синфҳои болоӣ тайёр менамояд.

Имрӯзҳо омӯзгорони литсей иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастур намуда хонандагони синфҳои ибтидоиро ба хондан ва муҳокимаи асарҳои бадеӣ равона месозанд.

Дар барномаи таълимӣ соати муайян ба мавзӯи "Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст!" ҷудо карда шудааст. Дар ин дарсҳо таҳлилу баррасии китобҳои берун аз дарс хондашуда аз рӯйи бандҳои зерин: ному насаби муаллиф, номи асар (ҳикоя, матн, китоб), мазмуни мухтасар (бо дарҷи номи симоҳо, замон ва макони баргузории воқеа), лаҳзаҳои гуворо ё ногувор, маъқул шуд ё нашуд, барои чӣ? Хулоса, навиштани маълумотнома оид ба асари хондашуда гузаронида мешавад.

Инчунин дар мавзӯи "Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст!" мусоҳиба, озмунҳо ва дигар чорабиниҳои берун аз синфӣ бо иштироки хурдтараконı литсей гузаронида шуда истодааст, ки барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бисёр ҷолибу шавқовар аст.

Бо ин роҳҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба хонандагон имконият фароҳам меоранд, ки бисёртар китоб мутолиа намуда, ба ин васила на танҳо шавқу завқи эшонро ба хондани асарҳои бадеӣ бедор намоянд, балки фонди луғавӣ ва ҷаҳонбиниашонро бойю васеъ гардонанд.

***Барчиной Назарова,***
***омӯзгори Литсейи инноватсионии "Душанбе", Аълочии маорифи ҶТ.***

# ДАСТОВАРДҲОИ ВАРЗИШИИ ЛИТСЕЙИ ИННОВАТСИОНИИ "ДУШАНБЕ"

Саломатӣ маҷмӯи сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавии одам аст, ки асоси умри ӯро ташкил мекунад. Барҳақ аст, мақоли халқ "Пул гум кардӣ ҳеҷ гап не, вақтро бой додӣ- бисёр талаф додӣ, саломатиро гум кардӣ - ҳама чизро гум кардӣ". Аз ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё мо ҳама вақт ба саломатии худ эҳтиёткорона рафтор мекунем? Бахри мустаҳкам намудани он чораҳои зарурӣ меандешем? Ва дигару дигар.



Яке аз омилҳои сиҳатии бадан ин машғул шудан ба варзиш аст. Варзиш барои мустаҳкам кардани саломатӣ, аз худ намудани малакаҳои ҳаётан муҳими ҳаракат, ба даст овардани қобилияти баланди фаъолият дар ҳаёт мусоидат менамояд. Он барои омода намудани одам ба меҳнати пурсамар аҳамияти калон дорад. Дар ин ҳол ғайр аз сифатҳои ҷисмонӣ (чолокӣ, тобоварӣ) боз сифатҳои муҳими рӯҳӣ (суботкорӣ, ирода, мақсаднокӣ, қатъият худдорӣ) инкишоф мeёбад. Варзиш инчунин дар тарбияи инсон ҳамчун инсони комил нақши беандоза дорад.

Қайд кардан ҷойиз аст, ки дар Литсейи инноватсионии "Душанбе" низ ба тарбияи ҷисмонии хонандагон диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар литсей таҳти роҳбарии ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ Дилором Ғоибова маҳфилҳои "Шоҳмотбозони ҷавон", маҳфили варзиш (яккаҳарбаи шарқӣ - Aikido) амал мекунанд. Хонандагон дар ин мафҳилҳо фаъолона иштирок менамоянд. Ҳамчунин шогирдони литсей дар як қатор варзишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба обу тоби бадан машғул буда, дар чандин мусобиқаҳо доир ба намудҳои гуногуни варзиш, чӣ дохили кишвар ва чӣ берун аз он сазовори ҷойҳои намоён гардида, номбардори миллату ватани хеш гардидаанд.




Дастовардҳои хонандагон дар дохили кишвар хеле назаррасанд, аз ҷумла дар намуди шоҳмот барои Ҷоми Президент дар ноҳияи Фирдавсӣ хонандаи синфи 8 "г" Ромин Раҳимӣ ҷойи III, дар намуди "Айкидои муҳорибавӣ" бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Бегматов Раҳматулло, хонандаи синфи 7 "а" ҷойи I, дар намуди гӯштин Фаридуни Мирзоназар, хонандаи синфи 7 "а" ҷойи III, Шарипов Эмоммаҳдӣ, хонандаи синфи 8"б" ҷойи I, Рамзиёрзода Султон, хонандаи синфи 11 "б" ҷойи I, Ҳайдаров Насим, хонандаи синфи 11 "б" ҷойи II, Мавлонов М., хонандаи синфи 6 "г" ҷойи II. Дар намуди гӯштини тарзи озод ва муҳорибаи намудҳои омехта Турдиев Парвиз, хонандаи синфи 9 "б" ҷойи I, Давлатов Некрӯз, хонандаи синфи 7 "б" ҷойи I, Солиев Ҳусейн, хонандаи синфи 9 "б" ҷойи I, Солиев Ҳасан, хонандаи синфи 9 "б" ҷойи I. Дар намуди takewando Ахмедов О., хонандаи синфи 6 "г" ҷойи II, Эргашева С., хонандаи синфи 6 "г" ҷойи I, Усмонова Т., хонандаи синфи 11 "д" ҷойи I, Табарова София, хонандаи синфи 5 "д" ҷойи III, Ҳамидов Ҳамза, хонандаи синфи 3 "г" ҷойи II, дар намуди шиноварӣ Рамзиёрзода Саддам, хонандаи синфи 11 "б" ҷойи I, Ҳамидов Ҳамза, хонандаи синфи 3 "г" ҷойи II, намуди шамшерзанӣ Абдураҳмонова Сабрина, хонандаи синфи 7 "б" ҷойи III, намуди муштзанӣ (бокс) Афизов Аминҷон, хонандаи синфи 5 "ж" ҷойи I, намуди яккаҳарбаи шарқӣ - Aikido Бегматов Раҳматулло, хонандаи синфи 2 "б" ҷойи I, Алаёров Шоҳрух, хонандаи синфи 3 "ж" ҷойи I, намуди акрабатика Холов Муҳаммад, хонандаи синфи 5 "ж" ҷойи II, Султонова Фараҳноз, хонандаи синфи 6 "г" ҷойи I, намуди dzu-do Суннатов Салоҳиддин, хонандаи синфи 5 "ж" ҷойи II.







Хонандагони литсей берун аз марзи ҷумҳурӣ низ як қатор дастовардҳоро ноил гардидаанд. Дар намуди djiu-djitsu Усмонова Таҳмина, хонандаи синфи 11 "д" ҷойи I дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон, Сабуров М., хонандаи синфи 6 "г" ҷойи I дар шаҳри Дубайи давлати Арабистони Саудӣ, дар намуди takewando Табарова Самира, хонандаи синфи 3"г" ҷойи I дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон, Мирзоев Эҳсон, хонандаи синфи 5 "е" ҷойи II дар шаҳри Сочии Федератсияи Руссия, намуди акрабатика Ким Полина, хонандаи синфи 6 "г" ҷойи I дар шаҳри Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, намуди unifight Зафар Шарипов, хонандаи синфи 9 "г" ҷойи I дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Яке аз ситорачаҳои хурдакаки варзиш, ки ҷилояш дар саросари давлатҳои гуногуни сайёраи мо паҳн гардида ва бо нурафшониаш парчами давлати моро дар минтақаҳои гуногуни сайёраамон партавафшон намудааст, ин хонандаи синфи 6 "г" чемпиони панҷкаратаи ҷаҳон дар намуди варзиши djiu-djitsu дар байни наврасон Мансур Сабуров ба шумор меравад. Мансур аз рӯйи ин намуди варзиш дар як қатор мусобиқаҳо иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро ишғол кардааст. Ҳунарнамоии варзишии ӯ дар шаҳрҳои Санкт - Петербург, Абудабӣ, Алмаато хеле ҷолибу назаррас аст.



Дастовардҳои хонандагони литсей дар соҳаи варзиш басе назаррасанд. Боварии комил дорем, ки дар оянда сафи ин қабил хонандагон боз ҳам бештар хоҳад шуд.

***Роҳила Хайлоева,** раиси иттиҳодияи методии забон ва адабиёти тоҷики Литсейи инноватсионии "Душанбе"*

# ВОЗРАСТНЫЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ МЛАДШЕГО ШКОЛЬНИКА

С поступлением ребенка в школу под влиянием обучения начинается перестройка всех его познавательных процессов, приобретеных им качеств, свойственных взрослым людям. Это связано с тем, что дети включаются в новые для них виды деятельности и системы межличностных отношений, требующие от них наличия новых психологических качеств. Общими характеристиками всех познавательных процессов ребенка должны стать их произвольность, продуктивность, устойчивость. На уроках, например, ребенку с первых дней обучения необходимо в течение длительного времени сохранять повышенное внимание, быть достаточно усидчивым, воспринимать и хорошо запоминать все то, о чем говорит учитель.

В младшем школьном возрасте дети располагают значительными резервами развития. Однако для того, чтобы умело использовать имеющиеся у ребенка резервы, необходимо предварительно решить две важные задачи. Первая из них состоит в том, чтобы как можно быстрее адаптировать детей к работе в школе и дома, научить их учиться, не тратя лишних физических усилий, быть внимательными, усидчивыми. Вторая задача возникает в связи с тем, что многие дети приходят в школу не только не подготовленными к новой для них социально-психологической роли, но и со значительными индивидуальными различиями в мотивации, знаниях, умениях и навыках, что делает учение для одних слишком легким, неинтересным делом, для других чрезвычайно трудным (и вследствие этого тоже неинтересным) и только для третьих, которые не всегда составляют большинство, соответствующим их способностям.

Возникает необходимость психологического, выравнивания детей с точки зрения их готовности к обучению за счет подтягивания отстающих к хорошо успевающим.

Еще одна проблема состоит в том, что углубленная и продуктивная умственная работа требует от детей усидчивости, сдерживания эмоций и регуляции естественной двигательной активности, сосредоточения и поддержания внимания на учебных задачах, а это в начальных классах умеют далеко не все дети. Многие из них быстро устают.

Особую трудность для детей 6-7-летнего возраста, начинающих обучаться в школе, представляет саморегуляция поведения. Ребенок должен сидеть на месте во время урока, не разговаривать, не ходить по классу, не бегать по школе во время перемен. В других ситуациях, напротив, от него требуется проявление необычной, довольно сложной и тонкой двигательной активности, как, например, при обучении рисованию и письму.

С поступлением в школу изменяется положение ребенка в семье, у него появляются первые серьезные обязанности по дому, связанные с учением и трудом. Взрослые люди начинают предъявлять к нему повышенные требования.

В младшем школьном возрасте закрепляются и развиваются далее те основные человеческие характеристики познавательных процессов (восприятие, внимание, память, воображение, мышление и речь), необходимость которых связана с поступлением в школу. Из "натуральных", по словам Л.С. Выготского, эти процессы к концу младшего школьного возраста должны стать "культурными", т. е. превратиться в высшие психические функции, связанные с речью, произвольные и опосредованные. Этому способствуют основные виды деятельности, которыми большей частью занят ребенок данного возраста в школе и дома: учение, общение, игра и труд.

За время обучения в младших классах школы дети так быстро продвигаются вперед в своем развитии, что между первоклассниками, и учащимися третьих-четвертых классов за какие-нибудь два-три года образуются заметные различия. Вместе с ним увеличиваются и индивидуальные различия детей по достигнутому уровню развития.

У первоклассников и отчасти у второклассников доминирует наглядно-действенное и наглядно-образное мышление, в то время как ученики третьих и четвертых классов в большей степени опираются на словесно-логическое и образное мышление, причем одинаково успешно решают задачи во всех трех планах: практическом, образном и словесно-логическом (вербальном).

Внимание становится произвольным, но еще довольно долго сильным и конкурирующим с произвольным остается непроизвольное внимание детей.

Память детей младшего школьного возраста является достаточно хорошей, и это в первую очередь касается механической памяти, которая за первые три-четыре года учения в школе прогрессирует достаточно быстро. Несколько отстает в своем развитии опосредованная, логическая память, так как в большинстве случаев ребенок, занятый учением, трудом, игрой и общением, вполне обходится механической памятью.

***Абрамова Л.Г., учитель начальной школы инновационного лицея "Душанбе"***

## Футболбозоне, ки муфлис гардидаанд ПОЛ МЕРСОН



Футболбози достонзеби дастаҳои "Арсенал" ва "Астон Вилла" - и Англия Пол Мерсон дар миёнаи солҳои навдуми қарни гузашта майзада гардида буд. Бозингар борҳо дар клиникаҳои махсус тахти муолиҷа қарор гирифт ва шифо ҳам ёфт, вале дидор ба дӯсти футболбозаш Пол Гаскойн ӯро боз ба тарабхона овард. Баъди як муддат омадан ба Бирмингем ва табобати навбатӣ ба судаш анҷомиду тарки одати майнӯшӣ кард. Аммо дере нагузашта, дарди дигар - қиморбозӣ ба Пол ёр шуд "Нӯшидани машрубот, истеъмоли маводи мухаддирро раҳо кардам, вале қиморбозӣ бар ман ғолиб омад. Ин амалҳо даҳшатноктарин қотилони зиндагӣ маҳсуб мегарданд", - мегӯяд Пол Мерсон. Оқибат, ӯ аз завҷааш ҷудо шуд ва тамоми пардохтҳои пулиро анҷом доду, дар кӯча монд. Чанд сол дар дивизиони поёнии футболи Англия бозӣ кард, то сару нӯги зиндагиашро базӯр баробар кунад. Аз ин вазъи ногувор ва диққатангез кормандони телевизион наҷоташ доданд. Вайро чун таҳлилгар ба яке аз шоубарномаҳои телевизиони SKY Sports даъват карданд, ки Пол бо қобилияту истеъдоди таҳлилгарӣ ва шухиҳои самимиаш маҳбуби бинандагон гардид. Ҳамин тавр, Пол Мерсон чанд сол мешавад, ки дар ин шабака шоуи хусусии хешро мебарад ва яке аз ташвиқгарони ашаддии тарзи ҳаёти солим мебошад.

***Таҳияи Раҷабалӣ Исматуллоев***

## ХУШБИНҲО БЕШТАР ЗИНДАГӢ МЕКУНАНД

Олимони Донишгоҳи Бостон дар натиҷаи тадқиқоти навбатиашон ба чунин хулоса омаданд, ки хушбинҳо (оптимистҳо) нисбат ба одамони ба зиндагӣ назари пессимистӣ дошта зиёдтар умр мебинанд. Дар натиҷаи тадқиқот онҳо муайян карданд, ки дарозии умри оптимистҳо нисбат ба пессимистҳо 15 дарсадро ташкил медиҳад.

Олимон сабаби инро дар он мебинанд, ки хушбинҳо тарзи ҳаёти солимро интихоб намуда, аз хислатҳои бадашон ба зудӣ халос мешаванд. Азбаски ба худ боварии комил доранд, корҳояшон бештар барор мегиранд.

Аз ҳама муҳимаш хушбинҳо зуд асабӣ намешаванд ва аз ҳолати стресс ба осонӣ мебароянд. "Газета. ру" ин хабари хешро ба хулосаи олимон ба охир расондааст, ки дар хотир гирифтанаш хеле муҳим мебошад: "Хушбинӣ модарзодӣ нест, онро аз бар кардан мумкин аст. Танҳо барои ин як каме хоҳиш лозим мешаваду бас!"

***Таҳияи Манзура Шамсова***

## Пикассо ва "сеҳр"-и қалам



Рассоми шаҳир Пабло Пикассо баъди хӯроки шом, ки одатан, дар тарабхона мехӯрд, ба хона баргашта, дуздеро дид, ки ӯро ғорат дорад. Рассом бе он ки амале нишон диҳад, мӯқалам гирифта, портрети дуздро кашид ва пагоҳӣ дилпур бурда ба полис дод. Дере нагузашта дар асоси ин "портрет", 20 гумонбар. 3 автобус, ду асп, ду банкаи консерва ва як дона пармача (штопор) дастгир ва ба шуъбаи полис оварда шуданд.

***Аз русӣ тарҷумаи Фараҳзоди Қурбоналӣ***

## Зоҳид ва осиёббон



Зоҳиде халтаи гандумашро бо мақсади орд кардан ба осиёб бурд. Осиёббон онро дар навбат гузошт.

Зоҳид гуфт: "агар гандуми маро зудтар, бе навбат орд накунӣ, дуо мекунам, ки харат санг бишавад"

Осиёббон дар посух изҳор дошт : "Ту, агар чунин мустаҷобуддуо бошӣ, дуо бикун, то гандумат орд бишавад!"

## МОСКВА фармоиш барои аэротаксӣ аз соли 2020 оғоз мешавад

Аэротаксии «Яндекс» парвозҳои озмоишии хешро дар минтақаҳои наздишаҳрӣ ва ҳудуди МКАД-и Москва дар соли 2020 ба нақша гирифтааст. Ҳолдинги «Вертолёты России» ва «Яндекс. Такси» ҳафтаи гузашта дар Авиасалони «МАКС-2019» дар ин бора созишномаи махсусро ба имзо расонданд. Дар асоси он Москва аввалин шаҳри дорои системаи таксии парвозкунанда хоҳад гашт.

***Таҳияи М. Шамсова***

## Пули аҷоиб



Дар Камбоҷа пули ғайриодие сохта шудааст, ки ҷазираи Ко-Пен ва шаҳри Кампонг - Чамро ба ҳам мепайвандад. Дарозии он 300 метр буда, ҳамчун дарозтарин пул дар олам эътироф гардидааст. Онро аз 50 ҳазор ғӯлачӯби бамбук сохтаанд.

Истифода аз пул ройгон набуда, 1 доллари амрикоӣ арзиш дорад.Мардуми таҳҷоӣ як қисми маблағи ҷамъшударо ҳамасола барои навсозии он сарф менамоянд. Тавассути ин пули аҷиб на танҳо пиёдагардону велосипедронҳо, балки мопеду автомобилҳо ҳам ҳаракат мекунанд.

Соли гузашта дар наздикии он пули дигари бетонӣ сохтанд. Вале он ба пули аз бамбук сохташуда рақобат карда натавонист. Чунки пули мазкур кайҳо боз барои сайёҳон ва бошандагони Камбоҷа макони дӯстдоштанӣ гардидааст.

***Таҳияи Гулнисои Саъдоншо***

## АНДОЗ

### Чанд факти ҷолиб



Маҷаллаи "Форбс" рӯйхати андозҳои ғайриодиеро пешниҳод кард, ки воқеан ҷолиби диққатанд. Таваҷҷуҳ кунед:

1. Бо вуҷуди вазъи орому осудаи Гвинея, сокинон барои сулҳ андоз месупоранд.
2. Сайёҳоне, ки ба ҷазираи Болеарри Испания сафар мекунанд, муваззафанд ҳар рӯз барои офтобхӯрӣ як евро пардохт намоянд.
3. Агар раваду даст ё пойи сайёҳони лижарони Австрия шиканад, пас аз супурдани андози махсус духтур онҳоро гаҷбандӣ (гипс) мекунад.
4. Барои коҳиш додани дарахтбурӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин қонуне қабул шуд, ки мувофиқи он барои ҳар ҷуфти чӯбчаи хӯрокхӯрӣ аз шаҳрвандон ба андозаи 5 дарсади арзиши он андоз ситонда мешавад.

***Таҳияи Меҳрангез Қодирова***

### Афроди камбизоате, ки сарватманд шудаанд

## До Вон Чанг, муассиси "Forever 21"



**Дороӣ:** 6,5 миллиард доллари ИМА

Ҳаёт ба муассиси "Forever 21" До Вон Чанг ва завҷаи ӯ Ҷин Сук на ҳамеша имконият медод, ки зиндагии хуш дошта бошанд. Соли 1981 вай аз Корея ба Америка омада, барои таъмини рӯзгор дар як вақт дар се ҷо кор мекард. Аввалин мағозаҳои фурӯши либосҳоро ин хонавода соли 1984 кушоданд. Алҳол бошад, "Forever 21" империяи байналмилалиест, ки ба он 480 мағоза шомил аст. Фурӯши солонааш бошад, то ба 3 миллиард доллар мерасад.

***Таҳияи Сайфулло Ашӯров***



# ОЗМУНИ "БЕҲТАРИН СУХАНВАР"






Ба муносибати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон озмуни дохилидонишгоҳии «Беҳтарин суханвар" бо иштироки омӯзгорону донишҷӯён ва магистрон баргузор гардид.

Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, бой гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва фаъолгардонии доираи забондонӣ миёни донишҷӯён, магистрон, аспирантҳо ва омӯзгорони донишгоҳ моҳе як маротиба доир мегардад. Дар озмуне, ки моҳи октябр баргузор шуд, 85 нафар довталабон иштирок намуда, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ аз ашъори устод Рӯдакӣ шеърҳо қироат намуданд.

Иштирокчиёни озмун ба саволҳои иловагии аъзои ҳакамон, ки ҳаёту фаъолияти устод Рӯдакиро дар бар мегирифтанд, ҷавоб гардониданд.

Ҳакамони озмун, ки ба ҳунару маҳорати донишҷӯён ба таври шаффоф баҳогузорӣ карданд, ғолибонро ба тариқи зайл муайян намуданд:

- Ҷойи якум, донишҷӯи курси якуми факултети технология ва дизайн Шодиева Гулшан барои қироати дурусти шеърҳои устод Рӯдакӣ ва муаррифии либоси идонаи замони Сомониён;

- ҷойи дуюм, донишҷӯёни курси якуми факултети технология ва дизайн Амирова Меҳрангез ва Тағоева Мавлуда барои интихоби дуруст ва қироати саҳеҳи шеърҳои Рӯдакӣ;

- ҷойи сеюм, донишҷӯёни курси якуми факултети технология ва дизайн Аловиддинова Фараҳнӯш, Кароматов Исматулло ва Дилшодзода Шоҳрух барои ба забонҳои русӣ ва англисӣ дуруст ва беғалат хондани шеърҳои устод Рӯдакӣ.

Сипас, аз ҷониби раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба ғолибон Ифтихорнома ва туҳфаҳо супорида шуд.

**Дар озмуни моҳи ноябрии «Беҳтарин суханвар», ки ба ашъори Умари Хайём бахшида шуда буд, 80 нафар довталабон иштирок карданд, ки онҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва ӯзбекӣ аз ашъори пурғановати Хайёми Нишопурӣ шеърҳо қироат намуданд.**

Дар ин сабқат аз ҷониби ҳакамон ғолибон ба тариқи зерин муайян карда шуданд:

Амирова Миҷгона, донишҷӯи курси якуми ФТД ҷойи якум;

хонандаи Литсейи инноватсионии "Душанбе" Ризоев Маҳмудҷон ва донишҷӯи курси якуми ФТД Шоназмиева Жасмина ҷойи дуюм;

Тағоева Мавзуна, Бобохонзода Саидшоҳ ва Саидзода Сино ҷойи сеюм.

Се нафар хонандагони Литсейи инноватсионии Душанбе барои ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бурро ва беғалат хондани шеърҳо аз ашъори Умари Хайём бо туҳфа - китобҳои шоир сазовор дониста шуданд.

Дар хотимаи озмун ба ғолибон Ифтихорнома ва туҳфаҳо супорида шуд.

Тавре муовини ректор оид ба тарбия, дотсент Заррина Юсупова иброз дошт, маҳфили оянда охири моҳи декабр ба ашъори Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ бахшида хоҳад шуд.

*Х. Туроншоев,*
*мудири шуъбаи фарҳангӣ-тарғиботӣ*




**Январ**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| СШ | | 7 | 14 | 21 | 28 | |
| ЧШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | |
| ПШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 | |
| ҶМ | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 | |
| ШН | 4 | 11 | 18 | 25 | | |
| ЯШ | 5 | 12 | 19 | 26 | | |

**Феврал**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 3 | 10 | 17 | 24 | |
| СШ | | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ЧШ | | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ПШ | | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| ҶМ | | 7 | 14 | 21 | 28 | |
| ШН | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | |
| ЯШ | 2 | 9 | 16 | 23 | | |

**Март**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| СШ | | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| ЧШ | | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ПШ | | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ҶМ | | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| ШН | | 7 | 14 | 21 | 28 | |
| ЯШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | |

**Апрел**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| СШ | | 7 | 14 | 21 | 28 | |
| ЧШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | |
| ПШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 | |
| ҶМ | 3 | 10 | 17 | 24 | | |
| ШН | 4 | 11 | 18 | 25 | | |
| ЯШ | 5 | 12 | 19 | 26 | | |

**Май**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| СШ | | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ЧШ | | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| ПШ | | 7 | 14 | 21 | 28 | |
| ҶМ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | |
| ШН | 2 | 9 | 16 | 25 | 30 | |
| ЯШ | 3 | 10 | 17 | 26 | 31 | |

**Июн**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| СШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ЧШ | 3 | 10 | 17 | 24 | |
| ПШ | 2 | 11 | 18 | 25 | |
| ҶМ | 3 | 12 | 19 | 26 | |
| ШН | 4 | 13 | 20 | 27 | |
| ЯШ | 5 | 14 | 21 | 28 | |

**Июл**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| СШ | | 7 | 14 | 21 | 28 | |
| ЧШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | |
| ПШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 | |
| ҶМ | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 | |
| ШН | 4 | 11 | 18 | 25 | | |
| ЯШ | 5 | 12 | 19 | 26 | | |

**Август**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| СШ | | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ЧШ | | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ПШ | | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| ҶМ | | 7 | 14 | 21 | 28 | |
| ШН | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 | |
| ЯШ | 2 | 9 | 19 | 23 | 30 | |

**Сентябр**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| СШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ЧШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ПШ | 3 | 10 | 17 | 24 | |
| ҶМ | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ШН | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ЯШ | 6 | 13 | 20 | 27 | |

**Октябр**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 5 | 12 | 19 | 26 |
| СШ | | 6 | 13 | 20 | 27 |
| ЧШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| ПШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ҶМ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ШН | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| ЯШ | 4 | 11 | 18 | 25 | |

**Ноябр**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| СШ | | 3 | 10 | 17 | 24 | |
| ЧШ | | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ПШ | | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ҶМ | | 6 | 13 | 20 | 27 | |
| ШН | | 7 | 14 | 21 | 28 | |
| ЯШ | 1 | 8 | 19 | 26 | 29 | |

**Декабр**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ДШ | | 7 | 14 | 21 | 28 |
| СШ | 1 | 8 | 15 | 22 | 29 |
| ЧШ | 2 | 9 | 16 | 23 | 30 |
| ПШ | 3 | 10 | 17 | 24 | 31 |
| ҶМ | 4 | 11 | 18 | 25 | |
| ШН | 5 | 12 | 19 | 26 | |
| ЯШ | 6 | 13 | 20 | 27 | |

# ДАРАҶАҲОИ ИЛМӢ МУБОРАК!



Раёсат, ҳайати омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муаллими калони кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти рушд Рашидова Дилбархон Ҷалоловнаро бо ҳимояи бомуваффақияти рисолаи номзадӣ дар мавзӯи "Тенденции развития рынка образовательных услуг", муаллими калони кафедраи системаи технологияи иттилоотӣ Алиқулов Алишер Раимбердиевичро бо ҳимояи муваффақонаи рисолаи номзадӣ дар мавзӯи "Обоснование механизма формирования и развития регионального банковского кластера" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи банақшагирии буҷет Раҳимов Музаффар Идиевичро бо ҳимояи бомуваффақияти рисолаи номзадӣ дар мавзӯи "Танзими давлатии шуғли аҳолӣ дар минтақаи қувваи кориаш барзиёд (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ва мудири китобхонаи илмии донишгоҳ Абдумуминзода Ситораро бо ҳимояи муваффақонаи рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Формирование профессиональной культуры будущего школьного библиотекаря (на материалах Республики Таджикистан)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ табрику таҳният гуфта, ба олимони ҷавон дар ҷодаи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва педагогӣ муваффақиятҳои нав ба навро орзуманданд.







Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ухда намегирад.

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 2000 нусха.*